ПРЕЗИДЕНТИ НАВИ ЭРОН КИСТ? с. 4
7,3 МЛН ДОЛЛАР МАБЛАҒИ ИЛОВАГӢ БА “РОҒУН” с. 2
АЙНӢ: РОҲҲО КАЙ ТАЪМИР МЕШАВАНД? с. 3

# ТОҶИКИСТОН

№28 (1594), 10.07.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992





# НАРХИ БОЗОР ПЕШ АЗ МАОШ МЕДАВАД

МАҶМААИ НАВИ ИСТИҚОМАТИИ ПӮЛОДӢ

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ БЕ ФОИЗ

СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —



- Хонаҳо аз 56,10м2 то 138,90м
- Баландии шифти квартираҳо 3м 15 см
- Тирезаҳои алюминий
- Лифтҳои бренди ҷаҳонӣ
- 24/7 амният ва назорати видео
- Таваққуфгоҳи зеризаминӣ
- Дар наздики гипермаркети
- Auchan, мағозаи JYSK

Бинои истиқоматии баландошёна, бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаи аввал ва таваққуфгоҳи нақлиёти автомобилӣ дар таҳхонаи он, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ № 33, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ:
+992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

## ДАР ИН ШУМОРА:

**317 ЧАШМ**
Радарҳои худкор ба кор оғоз карданд с.3

**СУҒД**
Рушди саноат ва кишоварзӣ дар 6 моҳ с.2

**НОБОЛИҒОНИ ШАБГАРД**
Ҳам соҳибкор ҷавобгар, ҳам волидайн с.3

**ОЯНДАНИГАРӢ**
Рушди бесобиқаи иқтисоди Тоҷикистон с.4

**ҚАҲРАМОНШАҲР**
Чаро Конибодом арзандаи ин унвон аст? с.7

**CITY CARD**
Чаро сокинонро сарсон мекунад? с.5

**ҲУҚУҚ**
Ҷаримаи сигор боло рафт с.11

**ПАРИЖ-2024**
Тоҷикистонро дар Олимпиада кӣ намояндагӣ мекунад? с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

## 7,3 МЛН ДОЛЛАР МАБЛАҒИ ИЛОВАГӢ БА “РОҒУН”

**Ҳукумати Тоҷикистон ба Вазорати молияи ҷумҳурӣ супориш дод, ки барои пурра намудани сармояи оинномавии ҶСК "НБО Роғун" 77,5 млн сомонӣ (ҳудуди 7,3 млн доллар) ҷудо кунад.**

Гуфта мешавад, ки ин маблағ аз Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт ҷудо мешавад.

Қобили зикр аст, ки аз оғози соли равон ин алакай бори сеюм аст, ки барои эҳтиёҷоти сохтмони НБО “Роғун” тариқи Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт аз буҷет маблағ ҷудо мешавад. Аз ҷумла, моҳи январи соли ҷорӣ аз ҳисоби Фонди мазкур 100 млн сомонӣ (зиёда аз 9,1 млн доллар) ва моҳи апрел 60 млн сомонӣ (зиёда аз 5,5 млн доллар) ба сохтмони НБО “Роғун” равона гардид.

## УМЕДВОРИИ МИШУСТИН ДАР ДИДОР БО РАСУЛЗОДА

**Михаил Мишустин, сарвазири Русия дар музокирот бо Қоҳир Расулзода, сарвазири Тоҷикистон дар ҳошияи намоишгоҳи "Иннопром" дар Екатеринбург гуфт, ки ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии ду кишвар хуб рушд мекунанд, аммо суръати афзоиши гардиши мол метавонад бештар бошад.**

Гуфта мешавад, ки Тоҷикистонро дар намоишгоҳи байналмилалии саноатии “Иннопром 2024” дар шаҳри Екатеринбург беш аз 50 ширкати саноатӣ муаррифӣ мекунанд. Ҳайати Тоҷикистонро Қоҳир Расулзода ва Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нав роҳбарӣ мекунанд.

Тибқи омори расмӣ, мубодилоти тиҷории Тоҷикистон бо Русия дар панҷ моҳи соли ҷорӣ беш аз 823 миллион долларро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 16,6% бештар аст.

## МУЛОҚОТИ НАВБАТИИ ЯТИМОВ ВА ТАШИЕВ

**Дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғд мулоқоти навбатии ҳамраисони ҳайатҳои ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистон - Саймумин Ятимов ва Қамчибек Ташиев баргузор гардид.**

Дар ин бора АМИТ “Ховар” бо такя ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ хабар медиҳад.

Ба иттилои манбаъ, мулоқоти мазкур 6-уми июли соли 2024 баргузор шуда, дар чараёни он ҷонибҳо баррасии масъалаҳои делимитатсияи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистонро дар минтақаҳои боқимонда давом дода, ба гурӯҳҳои кории ҳайатҳои ҳукуматии ҳарду кишвар оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ ҷиҳати идома додани кор дар ин самт супориш доданд.

Ҳамчунин, аз 1 то 6-уми июли соли 2024 дар ин шаҳр вохӯрии навбатии гурӯҳҳои кории топографӣ ва гурӯҳҳои корӣ вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқии ҳайатҳои ҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ баргузор гардидааст.

“Дар доираи мулоқот тарафҳо баррасии масъаларо идома дода, оид ба тавсифи хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон дар минтақаҳои боқимонда табодули назар намуданд”,- менависад ин расона.

Гуфта мешавад, ки ҷонибҳо корҳоро дар ин самт дар мулоқоти навбатӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор мегардад, идома хоҳанд дод.



## БОЗГАШТИ СТОШИЧ БАЪДИ РАФТАНИ ЯТИМОВ

**Тими “Истиқлол”- и Душанбе собиқ дарвозабонашро дигарбора ба даста овард.**

Никола Стошич қаблан дар солҳои 2013-2020 дар ҳайати “Истиқлол” ҳунарнамоӣ мекард ва баъдтар ба “Бухоро” рафт.

“Муҳлати созишномаи меҳнатӣ бо Никола Стошич ду солро дар бар мегирад”,- хабар медиҳад дафтари матбуоти тими “Истиқлол”.

Маврид ба зикр аст, ки бо рафтани Рустам Ятимов бошгоҳи “Истиқлол” ба дарвозабон ниёз дошт.

## САРИ САБЗ



**Муин ҒАФУРОВ,**
**размикори тоҷик**

**- Ҳабиб ягон унвони қаҳрамонӣ надошт. Хостам бо ӯ акс гирам. Аммо ӯ барои акс гирифтан наомад. Аз ҳамон рӯз инчониб қарор додам, ки агар дар як ринг бо Ҳабиб Нурмагомедов бо ҳам рақобат намоем, то охир ё ба истилоҳ “то мурдан” бо ӯ мубориза хоҳам бурд.**

*- Шубҳаро аз худ дур кунед, рафиқ. Фикри мурданро ҳам. Медонед барои чӣ? Ҳабиб аз шумо тарсидагист, барои ҳамин наомадааст. Шояд аз ҳамин сабаб ӯ рингро тарк карда бошад?!*



**Манзура ҒАФУРОВА,**
**муассиси клиникаи “Шавкат” дар шаҳри Вахдат**

**10 ҳуҷраро аз беморхона ба иҷора гирифта, сатҳи хизматрасониро беҳтар кардем. Корамон барор гирифт ва ҳатто ин 10 ҳуҷра камӣ кард. Ба ҳукумати маҳаллӣ муроҷиат кардем ва ба мо замин ҷудо карданд. Дар байни 2 сол бинои клиникаи “Шавкат”-ро бо тамоми шароитҳои муосир сохтем.**

*- Офарин, кори бузургеро анҷом додаед. Акнун коре кардан лозим, ки сатҳи хизматрасонӣ боз беҳтар шавад ва биноҳои иловагии клиникаро ҳам сохтаву ба истифода диҳед.*



**Мирзоюсуф АҲМАДОВ,**
**коргардон ва устоди рақс**

**- Ҷойе, ки ман кор мекунам, театр аст ва ман ҳунарманди он ҷо мебошам. Ман дар саҳна ҳамроҳи қаҳрамонҳои худ гиря кардам, хандидам, рақс кардам, яъне ман образ офаридам ва дар вақти иҷрои нақш дар пӯсти қаҳрамон зиндагӣ кардам.**

*- Берун аз нақш ҳам як санҷида бинед, одамони берун аз саҳна ҳам одамони он қадар бад нестанд. Бо онҳо ҳам рақсидану хандидан, ҳатто гиря кардан имкон дорад.*

# 317 ЧАШМ

## Радарҳои худкор ба кор оғоз карданд

**Дар шаҳри Душанбе шуруъ аз 20-уми июн 317 радарҳои худкор ва дурбинҳои назоратӣ ба кор шуруъ карданд, ки қоидавайронкуниро аз ҷониби ронандагон сабт мекунанд.**





### Ҳадаф - таъмини бехатарӣ

Лоиҳа дар асоси Созишномаи сармоягузории консорсиуми сармоягузорон амалӣ шуда, сохтори ваколатдори он Корхонаи воҳиди давлатии «Шаҳри ҳушманд» мебошад.

Ҳадафи ҷорӣ кардани системаи автоматикунонидашудаи сабти қонуншиканании роҳ таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ва назорати риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар шаҳри Душанбе гуфта мешавад.

Феълан камераҳо ва радарҳо ба таври автоматӣ нақзи қоидаи ҳаракат дар роҳ, аз қабили баландшавии суръат, гузаштан аз чароғаки сурх, баромадан ба хати муқобил, риоя накардани талаботи аломатҳо ва хатҳои роҳ ва ғайраро аксбардорӣ намуда, рақами давлатии воситаи нақлиётро сабт мекунанд ва ин маълумотро ба Раёсати БДА ВКД ҶТ мефиристанд.

Баъдан, нозири БДА ҳар як ҳолатро месанҷад ва танҳо пас аз тасдиқи қонуншиканӣ ҷарима таъин мекунад.

### Ронанда чӣ тавр аз ҷарима огоҳ мешавад?

Ронандагон барои санҷидани ҷарима бояд аввал худро дар портали системаи мазкур (**neru.dc.tj**) сабти ном кунанд.

**Барои сабти ном маълумоти зерин лозим аст:**

*- насаб, ном, номи падари ронанда;*

*- РМА;*

*- акси шиноснома;*

*- рақами бақайдгирии давлатии воситаи нақлиёт;*

*- рақами шиносномаи техникии воситаҳои нақлиёт;*

*- акси паҳлуҳои пеш ва пушти шиносномаи техникӣ;*

*- рақами телефон ва рамз барои ворид шудан.*

Пас аз ворид шудан ба система барои ҳар ронанда ҳисоби шахсӣ таъсис дода мешавад, ки дар он ронанда пас аз ворид кардани логин ва рамзи худ метавонад бо маводҳо шинос шавад. Аз ҷумла бо сана ва намуди ҳуқуқвайронкунӣ, аксҳо ва навори вайрон кардани қоидаҳо ва ғайра.

### Қоидавайронкунӣ ва ҷарима

Системаи нав 5 намуди қонуншиканиҳои Қоидаҳои ҳаракат дар роҳро сабт мекунад. **Аз ҷумла:**

*- Баланд кардани суръати муқарраршудаи ҳаракат;*

*(Ҷарима аз 72 то 216 сомонӣ)*

*- Итоат накардан ба огоҳиҳои (сигналҳои) чароғак;*

*(Ҷарима аз 216 то 360 сомонӣ)*

*- Баромадан ба хати муқобили ҳаракат дар роҳ;*

*(Ҷарима аз 360 то 504 сомонӣ)*

*- Риоя накардани талаботи аломатҳои роҳ;*

*(Ҷарима аз 72 сомонӣ)*

*- Риоя накардани талаботи хатбандии роҳ.*

*(Ҷарима аз 72 сомонӣ)*

Тавре қаблан иттилоъ дода будем, феълан дар 135 нуқтаи кӯчаву чорроҳаҳои шаҳри Душанбе 317 дурбини автоматии назоратӣ насб шудааст.

**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**



**Аз 1 то 8-уми июл даври асосии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олӣ баргузор гардид.**

Гуфта мешавад, ки натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ 20-уми июл тариқи смс-паёмак эълон мегардад. Дар ин бора Маркази миллии тестии Тоҷикистон хабар медиҳад. Ёдовар мешавем, ки тибқи иттилои ММТ соли равон дар давраи асосии бақайдгирӣ 95 ҳазору 276 довталаб номнавис карда шудаанд.



**Дар Тоҷикистон «Барномаи давлатӣ оид ба кабудизоркунӣ то соли 2040»-ум қабул гардид. Ин барнома дар марҳилаи аввали то соли 2027 шинонидани 10 миллион бех ниҳолу буттаро пешбинӣ мекунад.**

Ҳадафи барнома “беҳдошти вазъи экологии ҷумҳурӣ ва пешгирӣ аз таъсири номатлуби тағйирёбии иқлим” гуфта мешавад. Барои иҷрои ин барнома пул аз буҷаи давлатӣ ва ҳам аз ҳисоби сармоягузорон ҷалб хоҳад шуд.



**Бонки Осиёии Рушд гуфтааст, ки Тоҷикистон барои ҷилавгирӣ аз оқибатҳои бади тағйирёбии иқлим ба 8 миллиард доллар ниёз дорад.**

Ин нукта рӯзи 9-уми июл дар вохӯрии намояндагони БОР ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти Тоҷикистон зикр шудааст. Қарор аст, ки ин маблағ аз созмонҳои хориҷӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон ба даст ояд ва то соли 2030 барои гузаштан ба истифодаи неруи сабз, афзоиши ҷангалзорҳо, ҷорӣ кардани системаи обдиҳии қатрагӣ ва кам кардани дудҳои ғализ сарф шавад.

**БА ДИҚҚАТИ ВАЗИРИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗИМ ИБРОҲИМ ВА РАИСИ НОҲИЯИ АЙНӢ МУҚИМ МУРОДЗОДА**

# РОҲҲО КАЙ ТАЪМИР МЕШАВАНД?

**Аз шунидани он ки соли оянда роҳи нақлиётгарди самти Айнӣ – Кӯҳистони Мастчоҳ азнавсозӣ мешавад, мо сокинони водии Зарафшон хеле хушнуд шудем, зеро ин роҳ дар ҳақиқат ба равуои техникаи нақлиётии замони муосир мувофиқ нест ва хеле вайрону таъмирталаб аст.**



Вале мо дар таҳайюр ҳастем, ки чаро Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Айнӣ ва Мастчоҳ дар давоми солҳои дароз ягон маротиба ҳам барои тахту ҳамвор кардани роҳҳои байни деҳаҳо саъю талош намекунад? Ақаллан барои таъмири минтақаҳои хавфноки роҳ ҳам таваҷҷуҳ надоранд. Чанд адад техникаи роҳтаъмиркунӣ, ки ба ин ниҳод мансуб аст, ба чӣ корҳо машғуланд?

Маблағҳои барои таъмири роҳҳо ҷудошуда ба куҷо масраф мешаванд?

Борҳо дар ин бора ба ташкилотҳои марбутаи роҳсозӣ муроҷиат кардем, ки масофаи дуюним километри Қалъа ва деҳаи Путхин таъмир карда шавад, аммо натиҷа нест. Ваъда ҳасту амал нест. Меҳмонони ба осоишгоҳи "Доктор Тоҳирӣ" меомада аз вазъи роҳ норозӣ ҳастанд.

Хеле хуб мешуд, агар боре ҳам ба доди мо мерасиданду барои ободии роҳҳои байни деҳаҳо чорае меандешиданд. Итминони комил дорем, ки ин навбат арзи моро ба инобат мегиред ва барои ободии роҳҳо чораҳои мушаххас меандешед.

**Муллозуҳур ТОҲИРӢ, табиб**



**BBC Дар пайи шикасти Ҳизби муҳофизакор дар интихобот, нахуствазири Британиё Риши Сунак аз мақомаш истеъфо дод. Кир Стармер, роҳбари Ҳизби коргар нахуствазири нави Британиё шуд.**

Дар интихоботи 4-уми июл Ҳизби муҳофизакор аз 650 курсии парлумон фақат 121 курсиро ба даст овард. Ҳизби коргар бошад, соҳиби 412 курсӣ шуд. Риши Сунак, роҳбари Ҳизби муҳофизакор шикастро пазируфт. Сунак дар паёми хайрбодиаш гуфт, ки аз роҳбарии ҳизб ҳам истеъфо медиҳад, аммо на ба ин зудиҳо.



**Фергана. Информационное агентство Ӯзбекистон пешниҳод дорад, ки захираҳои тилову асъори Афғонистон ба Толибон дода шавад. Дар ин бора Шавкат Мирзиёев дар нишасти сарони кишварҳои туркӣ изҳор дошт.**

Ба эътиқоди ӯ, баргардонидани дороиҳои боздоштшуда ба мақомоти феълӣ барои коҳиши вазъи иҷтимоӣ дар Афғонистон мусоидат мекунад. Захираи асъори Афғонистон дар ҳоли ҳозир ҳудуди 9,4 млрд долларро ташкил медиҳад.



**rfi Толибон иштироки се бонуи варзишгар аз Афғонистонро дар Бозиҳои Олимпии тобистона, ки имсол дар Париж баргузор мешавад, қонунӣ нашумориданд.**

Намояндаи Толибон гуфт, ки танҳо мардон метавонанд Афғонистонро дар мусобиқаҳо намояндагӣ кунанд, зеро дар кишвар барои занон машғул шудан ба варзиш манъ аст. Ӯ инчунин норозигии худро баён кард, ки Кумитаи Байналмилалии Олимпӣ (КБО) бо мақомоти Афғонистон дар бораи таркиби дастаи миллӣ машварат накардааст.

# ҶАРРОҲИ ҚАЛБ ВА ИСЛОҲТАЛАБ

## Масъуди Пизишкиён - раисҷумҳури нави Эрон



**Масъуди Пизишкиён, вакили мардумии ислоҳталаб рӯзи 5-уми июл дар даври дуввуми интихоботи раёсати Ҷумҳурии Эрон ба рақиби усулгароаш Саид Ҷалилӣ пирӯз омад ва президенти 9-уми ин кишвар шуд.**

### Рекорди мушорикат накардан

Пизишкиён рӯзи 28-уми июн, дар даври аввали интихобот бо се рақибаш вориди корзори интихобот шуд ва бо ба даст овардани 42,5%-и раъйи мардум ба даври дуюм роҳ ёфт. Марҳилаи аввали интихоботи раисҷумҳурии Эрон бо он фарқ мекард, ки дар он ҳамагӣ каме бештар аз 40%-и аҳолии қобили раъй ширкат карданду халос. Қариб 60%-и боқимонда аз ширкат дар интихобот даст кашиданд.

Дар даври дуюми интихобот Масъуди Пизишкиёни ислоҳталаб бо Саид Ҷалилии усулгаро вориди корзори интихобот шуданд. Дар ин давр мизони ширкати эрониён ба интихобот аз 50% гузашт. Масъуди Пизишкиён бо дарёфти 53,6%-и раъйи мардум президенти 9-уми Ҷумҳурии Исломии Эрон ва сарвари ҳукумати 14-уми ин кишвар гардид.

Бо вуҷуди ин, коршиносон мегӯянд, ки интихобот дар таърихи Эрон бо ҳузури камранги мардум рекордӣ буд.

### Ҷарроҳи қалб дар арсаи сиёсат

Пизишкиёни 70-сола дар Озарбойҷони Ғарбӣ таваллуд шудааст. Падараш озарӣ ва модараш курд буданд. Бинобар ин, забони туркӣ ва курдиро низ балад аст. Узви Ҷамъияти дӯстии Эрону Туркия мебошад.

Пизишкиён ҷарроҳи қалб аст. Дар ҷанги Эрону Ироқ дар солҳои 1980-1988 ба ҷабҳаи аввали ҷанг рафта, ба ҳайси табиб хидмат кардааст. Баъди ҷанг ба ҷарроҳии дил машғул буд. Ӯ дар муассисаҳои илмӣ низ кор кардааст ва аз соли 1994 то соли 1999 мудири Донишгоҳи улуми тиббии Табрез буд.

Охири солҳои 90-ум ба майдони сиёсӣ ворид шуд. Дар ҳукумати Муҳаммади Хотамӣ вазири тандурустӣ буд. Феълан аз ҳавзаҳои Табрез ва Озаршаҳр дар Маҷлиси Эрон намоянда аст. Муддате муовини аввали раиси Маҷлис ҳам буд.

Пизишкиён дар интихоботи президентии соли 2013 сабти ном шуд, вале номзадии худро бозпас гирифт. Дар интихоботи соли 2021 кӯшиши ширкат кард, вале номзадии ӯ рад шуд.

Ҳамсари Пизишкиён, ки духтури амрози занона буд, соли 1993 дар як садамаи нақлиётӣ бо як фарзандаш вафот карданд. Пизишкиён дигар оиладор нашуд ва ду писару ду духтарашро танҳо ба воя расонид.

Пизишкиён улуми исломиро ҳам хуб медонад ва қории "Қуръон" ва "Наҳҷул Балоға" - китоби муҳим барои шиамазҳабон аст.

### Тарафдори Хоманаӣ

Бо вуҷуди ҳузури 20-сола дар саҳнаи сиёсат, Пизишкиён ба ягон ҷанҷолҳои сиёсӣ олуда нашудааст ва боре ба ҳам ришвахорӣ ва ё фасод муттаҳам нашудааст.

Ӯ бо ақидаҳои интиқодӣ ва тезутундаш дар ҷомеаи Эрон шинохта шудааст. Соли 2023 вай амалкарди мақомоти Эронро, ки занонро бо баҳонаи ҳиҷоби номуносиб озору азият зиёд доданд, танқид карда, гуфт, ки онҳо бо ин корашон сабаби нафрати мардум ба дин мешаванд.

Вале Пизишкиён бо вуҷуди ислоҳталаб буданаш тарафдори Роҳбари Ҷумҳурии Исломӣ Оятуллоҳ Алии Хоманаӣ аст ва дар баромадҳои пешазинтихоботиаш низ аз сиёсатҳои раҳбари олии Эрон тарафдорӣ кард.

Алии Хоманаӣ ҳам ба Пизишкиён муносибати нек дорад. Соли равон дар интихоботи парлумонии Эрон номзадии Пизишкиён аз тарафи Шӯрои нигаҳбон рад карда шуд, вале бо дахолати Хоманаӣ, ӯ дар интихобот ширкат кард ва дигарбора ба Маҷлис роҳ ёфт. Дар нахустин изҳороти матбуотиаш пас аз интихоб шудан ба мақоми раисҷумҳури Эрон Пизишкиён эълон кард, ки бо дастгирии Раҳбари муаззам, яъне Алии Хоманаӣ ба ин мақом расид.

Пизишкиён дар корзори интихоботӣ эълон кард, ки барномае надорад, ҷонибдори ягон ҳизб нест. "Ман садои мардуми Эронам", гуфт ӯ ва ваъда дод, ки бароиояндаи хубтари кишвараш талош мекунад.

Пизишкиён дар ин роҳ то куҷо муваффақ хоҳад буд? Инро вақт нишон медиҳад.

# РУШДИ БЕСОБИҚАИ ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**Коршиносони Хазинаи Аврупоиёии Субот ва Рушд интизор доранд, ки рушди иқтисоди Тоҷикистон дарояндаи наздик на кам аз 7% хоҳад буд.**

Ин равандро аз ҷумла ба беҳбуди рушди иқтисодӣ дар Русия, талаботи баланди дохилӣ ва афзоиши тиҷорат бо кишварҳои ИИАО рабт медиҳанд.

Дар гузориш гуфта мешавад, ки рушд бо афзоиши саҳми бахши саноат ва сохтмон таъмин карда шуд.

Саҳми бахши хизматрасонӣ аз 4,7 то 4,3 банди фоизӣ коҳиш ёфт. Коҳишёбӣ ба сабаби кам шудани ҳиссаи савдои яклухт ва чакана ва дигар хизматрасонӣ сурат гирифтааст.

Ҳамчунин, дар натиҷаи афзоиши босуръати саноат ва сармоягузорӣ саҳми кишоварзӣ то 0,1 банди фоизӣ коҳиш ёфт (0,5 банди фоизӣ дар семоҳаи якуми соли 2023).

Дар ҳоле ки саҳми саноат аз 1 то 1,3 банди фоизӣ афзуд.




# ТОҶИКИСТОН - ИНТИХОБИ САЙЁҲОНИ ӮЗБЕКИСТОНӢ

*Аз аввали сол то кунун тақрибан 450 ҳазор нафар аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд. Оҷонсии сайёҳии Ӯзбекистон номи кишварҳоеро нашр кардааст, ки сокинони Ӯзбекистон дар нимсолаи аввали соли равон барои саёҳат интихоб кардаанд. Тоҷикистон дар самти саёҳати шаҳрвандони Ӯзбекистон дар ҷойи 2-юм қарор дорад.*



# НАРХИ БОЗОР ПЕШ АЗ МАОШ МЕДАВАД

**Бо фармони Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон аз 1-уми июли соли 2024 маошу нафақа 40% боло меравад.**




Ин аз як тараф сокинонро хурсанд карда бошад, аз ҷониби дигар боиси нигарониашон шудааст, зеро қабл аз ба даст гирифтани маошу нафақа нархи маҳсулот дар бозорҳои кишвар дар ҳоли болоравист.

Ҳафтаи равон, пас аз шикояти сокинон, мо ба бозорҳои пойтахт сар задем ва нархи маҳсулоти ниёзи аввалро пурсон шудем.

Нархи як кило шакар, ки то 10-15 рӯз пеш 10-11 сомонӣ буд, ҳоло дар бозору дӯконҳои пойтахт ба 13-14 сомонӣ расидааст.

Нархи як литр равғани офтобпараст бошад, аз 18 сомонии қаблӣ то 26-27 сомонӣ боло рафтааст. Фурӯшандагон мегӯянд, ки нархи равған дар Иди Қурбон зиёд шуду баъди ид дигар поён нафаромад.

Ҳамчунин дар бозорҳо равғани арзонтари пахта, ки тавлидоти дохилӣ аст, низ ба фурӯш гузошта шудааст. Вале сокинон бештар ба равғани офтобпараст бартарӣ медиҳанд, ки нархи он на ба ҳама дастрас аст.

Тибқи пешбинии коршиносон, бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ, мизони истеъмоли 16,6 литр барои як нафар, эхтиёҷоти Тоҷикистон ба равғани растанӣ аз 160,8 ҳазор дар соли 2023 то 171 ҳазор тонна дар соли 2025 афзоиш хоҳад ёфт.

Бояд гуфт, ки ҳоло дар бозорҳо як дона тухми мурғро бо нархи 1-1,10 ва ҳатто 1,20 сомонӣ ҳам вохӯрдан мумкин аст.

Нархи як халтаи 50 кг орд дар бозори "Меҳргон" ҳоло аз 280 то 380 сомонӣ, нархи собуни либосшӯӣ аз 7 то 11 сомонӣ, нархи як килограмм макарон 11-14, нархи як килограмм биринҷ 23-30 сомонӣ, нархи гӯшти гов 65-70 ва гӯшти гӯсфанд 90-98 сомонӣ аст.

Чизи дигаре, ки харидорон зиёд шикоят мекарданд, ин болоравии якуякбораи нархи шири хушк барои кӯдакон аст. Як моҳ пеш нархи "Малютка" 54-55 сомонӣ буд, ҳоло ба 65-67 дакка меҳӯрад.

Агар мо истеъмоли як оилаи миёнаҳолро дар як моҳ ҳисоб намоем, чунин мешавад: 285 сомонӣ як лингча орд, 98 сомонӣ панҷ литр равған, 33 сомонӣ як коробка тухм, 5 собуни ҷомашӯӣ 35 сомонӣ, 5 кило гӯшти гов 320 сомонӣ, нархи 5 килограмм шакар 65 сомонӣ, панҷ килограмм макарон 55 ва панҷ килограмм биринҷ 120 сомонӣ аст. Дар маҷмӯъ 946 сомонӣ мешавад. Ин дар ҳолест, ки ҳоло маоши ҳадди ақал дар Тоҷикистон 800 сомонӣ аст ва то кунун ҳаҷми он 600 сомонӣ буд.

Шумо чӣ фикр доред? Оё то зиёдшавии навбатии ҳаҷми маош нархҳо дар бозор онро интизор мешаванд?

**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**

---




# CITY CARD
## Аз ҳоли табоҳи терминалҳои Express Pay то сарсонии сокинон

**Қариб як сол мешавад, ки мусофирон маблағи роҳкироро ба кортҳои нақлиётии автобусу троллейбус дар аксар кӯчаҳои пойтахт гузаронида наметавонанд. Сабаб: терминалҳои ширкати Express Pay вазифаи хизматрасониашро барои аҳолии беш аз 1-миллионнафараи шаҳри Душанбе бояду шояд уҳда накарда истодааст.**

Мисоли барҷастаашро бештар дар терминалҳои ширкати мазкур дар ноҳияҳои Сино ва Фирдавсии пойтахт мушоҳида менамоем, ки онҳо дар истгоҳҳои нақлиёти ҷамъиятӣ насб карда шудаанд. Терминалҳои №№00374, 01125, 01317, 01135, 01302, 01139, 01195 (дар кӯчаи Маяковский), №№02009, 02055 (дар кӯчаи Неъмат Қарабоев), №00316-ро (кӯчаи Калинин) аз чӣ бошад, ки «даҳонашон» барои қабули кортҳои нақлиётӣ кушода намешавад. Мусофирон аз ин терминал ба дигараш медаванд, аммо бенатиҷа. Мардум маҷбур мешаванд, ки ба ронандаҳои троллейбусу автобус 2-2,5 сомонии нақд пардохт намоянд.

Чунин ба назар мерасад, ки Express Pay аз талаботи замона қафо монда истодааст: терминалҳояш куҳнаю фарсуда. Дар корти миллие, ки ман дастрас намудам, навишта шудааст: «Корти нақлиётии City Card-ро дар терминалҳои Express Pay пур кунед". Чӣ тавр пур кунем, ки терминалҳояш фақат дар маркази пойтахт фаъоланд, аммо дар кӯчаҳои канори шаҳр таги чангу хок пурнуқсон буда, аз хизматрасонӣ ба мусофирону муштариён «хаста» шудаанд?

Аксари терминалҳо таъмирталабанд, нуқсонҳои зоҳирии баъзеи онҳо бо тунука «дарбеҳ» карда шуда, баъзеи онҳо ҳафтаю моҳҳо аз хизматрасонӣ мондаанд. Мисолаш: терминалҳо дар истгоҳи автобусҳо воқеъ дар кӯчаи Низомии Ганҷавии микрорайони 33-юми ноҳияи Сино, дар истгоҳи бозори «Саховат». Ин гуна терминалҳои корношоями Express Pay-ро қариб дар ҳар истгоҳи нақлиёти ҷамъиятии гирду атрофи ноҳияҳои пойтахт дида метавонед.

Дар бораи ин мушкилии хизматрасонии ширкат рӯзномаи «Паёми Душанбе» аввали соли равон навишта, баъд, ба таваҷҷуҳи роҳбари он Хуршед Ашӯров расонида будем. Аз он вақт ним сол гузашта бошад ҳам, вазъият ҳеҷ тағйир наёфтааст.

Канӣ он ваъдаҳои хизматрасониҳои беҳтарин ба аҳолии шаҳри Душанбе, ки дар ибтидои фаъолияташ City Card дода буд?

**Эмоми НАЗАРИЁН,**
**рӯзноманигор**

---



**Дар Душанбе Парки техникии Тоҷикистону Туркия таъсис дода мешавад. Ин нукта 8-уми июл зимни вохӯрии раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати ЧТ Фарҳод Раҳимӣ бо сафири Ҷумҳурии Туркия дар Тоҷикистон Умут Аҷар баён гардид.**

Зимни мулоқоти Фарҳод Раҳимӣ бо Умут Аҷар ва ҳамоҳангсози Агентии ҳамкори байналмилалии Туркия (ТИКА) дар Тоҷикистон Иброҳим Унал зикр гардид, ки дарояндаи наздик лоиҳаи парки технологӣ омода гардида, дар мувофиқа бо ҷонибҳо ба нақша гирифта мешавад.



**Дар мулоқоти вазири энергетика ва захираҳои оби ЧТ Далер Ҷумъа бо директори минтақавии БАТР оид ба Осиёи Марказӣ Айтен Рустамова масъалаи маблағгузории лоиҳаи муштараки Тоҷикистону Ӯзбекистон оид ба сохтмони ду нерӯгоҳи барқи обӣ дар дарёи Зарафшон баррасӣ гардид.**

Ҳамчунин, ҷонибҳо доир ба лоиҳаҳои «CASA-1000», «Таҷдиди Нерӯгоҳи барқи обии «Қайроққум», навсозии зеристгоҳи барқии «Суғд-500» ва омӯзиши бозори энергетикии Тоҷикистон дар мавриди ҷалби сармоя барои рушди соҳаи электроэнергетика табодули афкор намуданд.



**Дар шаҳри Клагенфурти Австрия бо иштироки муовини раиси шаҳри Душанбе Дилбар Одилзода маросими ифтитоҳи чойхонаи миллии тоҷикӣ дар Боғи миниатюрҳои Минимундус барпо гардид.**

Дар ин бора аз Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон хабар доданд.

Дар рафти ҳамоиш дар ғурфаи чойхона дастархони миллии тоҷикӣ ороста шуда, ба меҳмонон хӯрокҳои миллӣ пешкаш гардид. Ҳамчунин ҳозирин бо мусиқии тоҷикӣ ва ҳунарҳои мардумии миллӣ, ки дар шакли намоишгоҳ дар чойхона муаррифӣ гардид, шинос шуданд.

# ҶАЛАСАИ ГУРӮҲИ ЭЛЕКТОРАТИ ХБА ВА БОНКИ ҶАҲОНӢ

**2-юми июл дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон “Маҷмааи Хуталон” ҷаласаи Гурӯҳи электорати Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ баргузор гардид.**

Дар ҷаласа роҳбарияти ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ, вазоратҳои молия ва бонкҳои марказии Конфедератсияи Швейтсария, ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Полша, Сербия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва дигар ташкилотҳои молиявии ҷаҳонӣ иштирок намуданд.



Ҷаласаро муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким ифтитоҳ намуда, сипас тибқи барнома роҳбарони созмонҳо, намояндагони вазоратҳои молия ва бонкҳои марказии кишварҳои иштирокчӣ роҷеъ ба масъалаҳои мавриди назар баромад намуданд.

Дар қисмати дуюми рӯз дар доираи барномаҳои ҷаласаи Гурӯҳи электорат вобаста ба мавзуъҳои “Иқтисоди сабз ҳамчун алтернативаи рушди иқтисодӣ” ва “Рақамикунонӣ ҳамчун тамоюли иқтисоди миллӣ ва ҷомеаи муосир” чанд рӯнамо муаррифӣ гардида, иштирокдорони чорабинӣ доир ба таъсири тағйирёбии иқлим, рушди маблағгузории сабз, мубодилаи таҷриба оид ба рушди Green FinTech, зеҳни сунъӣ дар низоми бонкӣ, пулҳои рақамӣ ва технологияҳои рақамӣ табодули назар намуданд.

3-юми июл иштирокдорони ҷаласа бо муовини директори идоракунандаи ХБА Бо Ли муколама доир намуданд. Ҷаноби Бо Ли дар робита ба тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба вазъи иқтисодиву молии кишварҳои минтақа, роҳҳои кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, хатари обшавии пиряхҳо, таҳкими механизмҳои ташаккули “иқтисоди сабз” ва ҷалби технологияҳои муосир ба бахшҳои гуногун суханронӣ кард.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дар навбати худ доир ба кӯшишҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иштироки ҷумҳурӣ дар бозорҳои ҷаҳонии сармоягузории “сабз”, рушди нақлиёти “сабз” ва инфрасохтори он, такмили қонунгузорӣ оид ба истифодаи васеи “иқтисоди сабз” ва Стратегияи рушди “иқтисоди сабз” барои солҳои 2023-2037 маълумот дод.

Сипас иштирокдорони чорабинӣ вобаста ба роҳҳои татбиқи лоиҳаҳои “иқтисоди сабз”, механизми ҷалби “маблағгузории сабз”, истифодаи таҷрибаи мусбати ИМА, Чин, Аврупо ва дигар кишварҳои пешрафта дар ин масъала, инчунин дурнамои ХБА ва БҶ доир ба тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он муколама намуда, ба саволҳои худ аз муовини директори идоракунандаи ХБА посух гирифтанд.

Қобили қайд аст, ки ҷаласаи Гурӯҳи электорати ХБА ва БҶ бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир мегардад ва он ба тақвияти ҳамкории кишварҳои узви электорат, баланд бардоштани нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва муаррифии имкониятҳои нави ҳамкорию сармоягузорӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар ҷаласаи Гурӯҳи электорати ХБА ва БҶ масъалаҳои марбут ба вазъи иқтисодии давлатҳои аъзо, татбиқи сиёсати фискалию монетарӣ ва дигар масъалаҳои муҳими иқтисодӣ баррасӣ ва муҳокима карда мешаванд.

# ВОХӮРӢ БО ҲАЙАТИ КОНФЕДЕРАТСИЯИ ШВЕЙТСАРИЯ

**Дар доираи мулоқотҳои дуҷонибаи Гурӯҳи электорати ХБА ва БҶ 2-юми июл тими иқтисодии кишвар таҳти роҳбарии муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин ва раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс бо вазири федералии молияи Швейтсария Карин Келлер-Зуттер ва раиси Бонки миллии Швейтсария Томас Йордан вохӯрӣ доир намуд.**

Зимни вохӯрӣ аз натиҷаҳои ҳамкории беш аз 25-солаи кишварҳо изҳори қаноатмандӣ карда шуда, қайд гардид, ки Бонки миллии Швейтсария тайи ин муддат дар рушди самтҳои муҳимтарини низоми бонкӣ, аз ҷумла фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар бахшҳои идоракунии захираҳои байналмилалӣ, сиёсати пулию қарзӣ ва идоракунии хавфҳои амалиётӣ саҳми назаррас гузоштааст.

Дар идома ҷонибҳо инчунин доир ба роҳандозии ҳамкорӣ дар самтҳои дигари судманд, аз ҷумла ҷалби сармояи Конфедератсияи Швейтсария ва технологияҳои муосири он ба рушди дигар соҳаҳои муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбат намуданд.





# МУЛОҚОТИ РАИСИ БМТ БО САФИРИ ИМА

**8-уми июл дар мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо сафири Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Мануэл П. Микаллер масъалаҳои ҷории ҳамкориҳои дуҷониба баррасӣ гардиданд.**

Зимни суҳбат ҷонибҳо оид ба нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва низоми бонкии кишвар, муътадилии сатҳи таваррум ва қурби пули миллӣ ҳарф зада, доир ба як қатор масъалаҳо, аз қабили таҳкими суботи молиявӣ, зиёд кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, ҷорӣ намудани муқаррароти СБҲМ ва арзёбии сифати аудити дохилӣ, ки зимни татбиқи се марҳилаи барномаи кумаки техникӣ аз рӯи лоиҳаи “Баланд бардоштани тамомияти молиявӣ ва таҳкими суботи молиявӣ ва дастрасӣ дар Тоҷикистон” ҷой доштанд, мубодилаи афкор намуданд. Қайд гардид, ки айни замон кор дар самти таҳияи марҳилаи чоруми кумаки техникӣ, ки ба беҳтар кардани мониторинг, таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ равона шудааст, идома дорад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода изҳор намуд, ки ҳамкорӣ дар самти ҷалби кумаки техникӣ ва машваратӣ ҷиҳати нигоҳ доштани субот дар бахши пулию қарзӣ ва молиявӣ, беҳтар кардани сиёсати макропруденсиалӣ ва арзёбии хавфҳои низом, таҳкими минбаъдаи механизмҳои танзиму назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ, амнияти иттилоотӣ, мубориза бо таҳдидҳои киберӣ, рушди бозори коғазҳои қиматнок ва таҳкими назорати фаъолияти низоми пардохт ва дар амал татбиқ намудани бандҳои Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 идома хоҳад ёфт.

Ҷонибҳо инчунин оид ба рушди муносибатҳои байнибонкӣ миёни бонкҳои Тоҷикистон ва ИМА сухан ронда, омодагии худро барои ҳамкории судманду муколамаи ошкоро изҳор намуданд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# ҚАҲРАМОНШАҲР

## Конибодом арзандаи чунин унвон аст

**Агар ба таърихи начандон дури Конибодом назар афканем, собит мешавад, ки мардуми озодихоҳ ва асрҳо азияткашидаи тоҷик дар шоҳроҳи Абрешим чунон ҷабру зулме дидааст, ки дар таърих ҳамто надошт…**


*8-уми феврали соли 1925. Конибодомиҳо роҳи поезди Калининро банд карданд.*

### Ҳаёти нав дар Конибодом

Агар каме ба таърихи асри XIX назар афканем, хонҳои Бухоро ва Хӯқанд байни ҳам 14 маротиба лашкар кашидаанд ва дар ин набарди тӯлонӣ (1822-1865) мардуми Ӯротеппа, Хуҷанд ва Конибодом аз дами теғ гузаронида шудаанд. Дар муҳорибаи таърихии Махрам ва дигар шаҳру деҳи Конибодом хонаҳои обод ва беазо набуд...

Баъди фатҳи чанде аз шаҳрҳои бонуфуз ва калидии хонигариҳои Бухоро, Хева ва Хӯқанд, баъди забти Тошканд ва вилояти Фарғона соли 1876 Осиёи Миёна дар зери тасарруфи Русия қарор гирифт, дар ҳайати ҳукумати подшоҳии Рус вилояти Туркистон таъсис ёфт, сипас ҳудуди Осиёи миёна - вассали Русия ба вилоятҳо, уездҳо, уездҳо бошад, ба вулусҳо ва онҳо дар навбати худ ба ҷамоатҳо тақсим мешуданд, ки сардори онҳоро амин мегуфтанд.

Аз Конибодом гузаштани хати роҳи оҳан воқеаи муҳим ва аҳамияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ дошт (1899). Зеро бештари коргарони роҳи оҳан ва кони нафту ангишт маҳбусони сиёсӣ - балвогарони ошӯбҳои зидди подшоҳии рус ва аввалин сотсиал-демократҳо буданд. Ҳамин зайл аввалин шаҳракҳои руснишин дар истгоҳи Мелниково (1896-1897), Селроҳа (1906), "САНТО" таъсис ёфтанд ва дар ҳаёти сиёсии мардуми Конибодом ва Исфара ба бедории фикрӣ таъсири хос гузоштанд.

### Ҳокимияти Шӯравӣ

Моҳи марти соли 1918 дар Конибодом Ҳокимияти Шӯравӣ барқарор гардид. 14-уми сентябри соли 1918 Комиссари участкавии Конибодом Лобутин ва раиси комиҷроияи вулуси Конибодом Б. Сулаймонхоҷаев таъйин гардиданд.

5-уми майи соли 1919 Исмоил Валишеви бошқирд котиби аввали болшевикон ва Ҳ. Муъминҷонов, К. Ҳусейнзода, А. Бобоев ва Раҳими Печон аъзои бюро интихоб шуданд. Ҳамин тариқ, низоми ҳаёт дар Конибодом рӯ ба ҳаёти нав овард. Корхонаҳои коркарди пахта, равған, нефт, ангишт миллӣ шуданд. Мардум сиёсати нави иқтисодиро паси сар кард. Ислоҳоти обу замин дар се давра гузашт. Маърифатбахшии мардуми бесавод, ташкили мактабҳо оғоз гардид. Душманон хостанд бо роҳи ташкили ҳаракати босмачигарӣ ба сохти нав латма зананд, аммо ба мақсад нарасиданд.

### Нома ба Сталин

Масъалаи марзбандии Осиёи Миёна ва ташкили ҷумҳуриҳои онро аз адабиёти замони шӯравӣ донистем, ки он "... бо ҳусни тафоҳум, иттифоқоро ва салоҳдиди ризоияти халқҳои сокини он сурат гирифта, дар ҳоле ки ин масъала натиҷаи сиёсати миллии дилхоҳи ленинӣ будааст" (Лоиқ Шералӣ, аз сарсухани асари Р. Масов, 1996).

Аммо, бо китоби академик Раҳим Масов "Таърихи тоҷикон бо муҳри комилан сиррӣ" (1996) маълум гашт, ки сурати воқеӣ ва таърихии ин амали хиёнатбор чӣ холу хатҳо ва доғу ҷароҳатҳо доштааст: "... зодагони миллати худамон ин қадар хиёнатҳои сангин ва нангинро ба халқи худ раво дидаанд".

Ф. Хоҷаев, А. Раҳимбоев, А. Фитрат, Н. Махсум, Ш. Шохтемур, Ш. Имомов, А. Ҳоҷибоев, ки дар шиносномаи миллаташон ӯзбек навишта шуда буд, пас аз марзбандӣ чанде барои миллат ҷонбозӣ намуданд, ки он баробари кӯфтани оҳани тафта пас аз хунук шудани онро мемонад ва оқибат сар бохтан буд. Дар комиссияи марзбандӣ ягон нафар тоҷик иштирок надошт. А. Раҳимбоев аз номи миллати ӯзбек баромад мекард. Пас аз баён намудани хулосаи комиссия ба Бюрои Осиёимиёнагии ҳизби болшевикӣ ва чун ҷумҳурии мухтор дар дохили Ӯзбекистон қарор гирифтани тоҷикон ва бе марказҳои фарҳангие чун Самарқанду Бухоро, Хуҷанд дар канор мондан ҳам, касе аз намояндагони тоҷикони ин шаҳрҳои қадимӣ садо баланд накард. Аммо мардуми бедордил, аз хулосаи марзбандии комиссия норозӣ бо сарварии як гурӯх коммунистону комсомолон - С. Анваров, М. Ашӯрмуҳаммадов, А. Надиров, Н. Ҳамроқулов ва дигарон ба номи Сталин, Зеленский ва котиби аввали Ҳизби коммунисти ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон Ч. Имомов ариза менависанд. Ариза аз номи тоҷикони волости Конибодом ва Исфара буд. Он тирамоҳи соли 1924 навишта шуда ва бо шахсони боваринок ба Маскав фиристода шуд, ки 15-уми январи соли 1925 ба дафтари Кремл расидааст. Он вақт раиси комиҷроияи Конибодом Маҳмуди Ашӯрмуҳаммад ва котиби аввали ҳизби қитъаи Конибодом А. Надиров буданд. Ин мактуб аз тарафи олими муаррих Шукур Султонов аз бойгонии Ҳизби коммунист кашф шудааст (ТСТА ИМЛ при ЦК КПСС, ф. 62 оп. 2, д. 250 л. 59).

### Боз доштани роҳи Калинин

Қаблан бисёр бедорфикрон аз мазмуни мактуб аз сухан гуфтан дар ҳарос буданд. Он мактуб ба сари бисёр мардуми сарбаланди Конибодом маргу куштор ва ҳабс шуданро овард. Бастани пеши роҳи оҳан, поезди ҳукуматӣ, ки дар он "Пири умумииттифоқ" М. И. Калинин менишаст ва аз анҷумани 5-уми ҳизбии вилояти Фарғона бо роҳбарони аввали Ӯзбекистон бармегаштанд, ба вуқуъ омад ва мардум пеши роҳи оҳанро 8-уми феврали соли 1925 доштанд.

Мардуми бағазабомада аз масъулин бо исрор талаб менамоянд, ки арзи мардуми Конибодомро ба худи М. И. Калинин хоҳанд супорид. Онҳо хоҳиш намуданд, ки нусхаи мактуби авваларо ба худи раис супоранд.

Дар байни конибодомиҳо русидонҳо (тилмоҷҳо) бисёр буданд. Баъди радду бадал ва гирифтани расми мардуми бағазабомада ваъда доданд, ки мактубро ҳатман ба Раиси Комитети Иҷроияи Марказии СССР М. И. Калинин мерасонанд.

Мактуб ба забони ӯзбекӣ ба миён омада, дар он талаб мешуд, ки Конибодом ба ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон пайваста гардад ва сабабҳояшро бо ҳафт далел баён карда буданд: Аксари аҳолӣ тоҷиканд, забони ӯзбекиро намедонистанд, адабиёт ва рӯзномаи тоҷикӣ набуд ва будаашро ба Хӯқанд мусодира карда бурда буданд. Коргузорӣ бояд ба забони тоҷикӣ сурат гирад. Аз Конибодом дар уезди Хӯқанд намоянда дошта бошанд. Дар пешрафти маориф монеа эҷод накунанд. Ахиран калонҳои уезд мардуми Конибодомро "Тоҷиклар" гуфта таҳқир доранд. Бо кадом роҳе, ки набошад, Конибодом ба Тоҷикистон пайваст шавад. Ин воқеаи таърихӣ моҳи феврали соли 1925 аз тарафи хабарнигори рӯзномаи "Правда Востока" Л. Соловёв, ки он замон дар Конибодом мезист, ба чоп расидааст.

### Ҳақ бо чӣ қиммат ба ҳақдор расид?

Азбаски мактуб расонаӣ шуд, барои иҷрои талабҳо аз рӯи мақоли тоҷикии "Аз рӯ шонаю аз таг фона" амал намуданд.

15-уми апрели соли 1925 қарори Комитети иҷроияи марказии Ҷумҳурии Ӯзбекистон "Дар бораи ташкили ноҳияи тоҷикнишини Конибодом дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон" ба тасвиб расид.

Сипас, 7-уми май қарори рақами 14-уми Комиҷроияи ноҳияи Конибодом "Дар бораи ба забони тоҷикӣ бурдани корҳои идораю ташкилот ва мактабҳо" ба чоп расид. Вале баъдан пантуркистҳо, ки "санг дар бағал" доштанд, ба сари мардуми равшанфикри Конибодом афканданд. Бо баҳонаҳои ночизе раиси кумитаи инқилобӣ М. Ашӯрмуҳаммадов ва котиби аввали ҳизб А. Надировро аз вазифа сабукдӯш намуданд. Оқибати таъқибот ба сари тоҷикон бисёр офат овард. Бисёрии онҳо дар зиндонҳои Сибиру Ставропол ҷон ба ҷаббор доданд. Дар адабиёти илмӣ-таърихӣ ин воқеаро бо дигар ранг обуранг медиҳанд, вале аз ҷиҳати сиёсӣ ба он баҳои илмӣ дода нашудааст. Замоне, ки дар Бухорою Самарқанд тоҷиконро худи тоҷикон барои сухани тоҷикӣ ҷарима мекарданд, конибодомиҳо ҳақашонро аз даҳони шери девонаафзои вақт ситониданд. Бар ивази чунин ҷоннисориҳо билохира Конибодом ба ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваст шуд. Маро бештар як чиз азоб медиҳаду андеша мекунам: "Чаро тоҷикони дигар шаҳрҳои тобеи Ӯзбекистон ба ин пайравӣ накарданд"?

### Пешниҳоди Акбари Турсон

Табартақсими марзӣ имсол садсола мешавад. Моҳи апрели соли 2016 дар Коллеҷи омӯзгории Конибодом бо академик Акбари Турсон вохӯрӣ бо зиёиёни шаҳр доир гашта буд. Дар он маҳфил аз хусуси "15-уми апрел"-ро чун рӯзи шаҳр ҷашн гирифтан сухан ба миён омад. Он рӯз бисёр бамаврид аз он рӯзҳо - воқеаи роҳбандии конибодомиён (8-уми феврали соли 1925) ва саҳмгузорони он, яъне неҳзати худшиносии миллии мардуми Конибодом ёдоварӣ шуд.

Орзу дорам, ки талаби халқ аз тарафи ҳукумати шаҳру вилоят ва ҷумҳурӣ пазируфта хоҳад шуд. Дар китоби дарсии таърихи тоҷикон саҳифаи наве дар ин бора кушода хоҳад гашт. Акбари Турсон дар рафти гуфтугӯ ва баррасии таърихи шаҳр дар омади гап гуфт, ки месазад ба шаҳрамон унвони "Қаҳрамоншаҳр" дода шавад. Мардум бо кафкӯбии дурудароз ба ин пешниҳод ҳамраъйӣ изҳор доштанд. Боз пешниҳод гардид, ки дар боғи шаҳр ва ё истгоҳи Роҳи оҳани Конибодом (собиқ Мелниково) номи Истиқлолхоҳони Конибодом дар санги хоро бо ҳарфҳои зарҳалин ҳакокӣ шавад...

**Деҳқон КАРИМЗОДА,**
**раиси Шӯрои ибтидоии собиқадорони шуъбаи маорифи шаҳри Конибодом**

# РУШДИ САНОАТ ВА

**Вилояти Суғд бо таърихи тӯлонӣ ва захираҳои бойи табиӣ дар солҳои охир ба як маркази муҳими саноатӣ ва кишоварзии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Ин мақола ба дастовардҳои ин вилоят дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ дар шаш моҳи аввали соли 2024 равона шудааст. Дар ин давра Суғд бо барномаҳои стратегӣ ва тадбирҳои муассир тавонист рушди босуръати саноатӣ ва кишоварзиро таъмин намуда, ба яке аз пешсафони рушди иқтисодӣ дар кишвар табдил ёбад.**



## РУШДИ УСТУВОРИ САНОАТ

Вилояти Суғд, як маркази муҳими саноатии Тоҷикистон, дар шаш моҳи аввали соли 2024 шоҳиди рушди чашмгир ва тадбирҳои стратегии саноатӣ буд. Ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, ки аз сӯи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муайян карда шудааст, бо тадбирҳои муассир ва барқарорсозии иқтидорҳои бозистода ҷилвагар аст.

Дар ин давра вилоят бо таъсиси 91 корхона ва коргоҳи нави саноатӣ, ки 584 ҷойи кории навро фароҳам оварданд, намунаи барҷастаи таҳкими заминаи саноатиро намоиш дод. Ин корхонаҳо асосан дар соҳаҳои саноати сабук, кимиё, масолеҳи бинокорӣ ва хӯрокворӣ таъсис ёфтанд, ки ба таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва воридотивазкунанда мусоидат намуданд.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба маблағи 12,8 миллиард сомонӣ расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 бо нархҳои муқоисавӣ 1,1 миллиард сомонӣ зиёд аст. Суръати рушди саноати вилоят бо нархҳои муқоисавӣ ба 109,0 фоиз ва бо назардошти индекси нархҳо бошад, ба 110,1 фоиз баробар гардид.

Дар КМ "Зарафшон"-и шаҳри Панҷакент давоми







моҳҳои январ-июни соли равон ба маблағи умумии 2,6 миллиард сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардид, ки бо нархҳои муқоисавӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 187,4 миллион сомонӣ зиёд буда, ба 107,9 фоиз баробар аст.

Давоми шаш моҳи соли 2024-ум 175,4 ҳазор тонна орд истеҳсол карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 25,1 ҳазор тонна ё 1,2 маротиба зиёд аст. Инчунин, 8111,2 ҳазор қуттии шартӣ консерваҳои меваю сабзавотӣ истеҳсол карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1391,2 ҳазор қуттии шартӣ зиёд буда, суръати афзоиш ба 120,7 фоиз баробар аст.

Ба ҳолати 1.07.2024, вилояти Суғд дар ташаккулёбии ҳаҷми маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 56,8 фоиз баробар гардид, ки нишондиҳандаи таъсири амиқи ин вилоят дар рушди иқтисоди миллӣ мебошад.

Ин давраи пурбор аз дастовардҳои муҳими саноатии вилояти Суғд далел аст, ки бо истифода аз захираву имкониятҳои вилоят ва раҳнамоии дурусти роҳбарият, метавон ба марҳалаҳои баланди саноатикунонӣ расид. Ҳамин тарз, вилоят нақши калидӣ дар расидан ба ҳадафҳои чоруми миллӣ бозида,ояндаи дурахшонтарро ваъда медиҳад.

# КИШОВАРЗӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

## ДАСТОВАРДҲОИ КИШОВАРЗОНИ СУҒД

Вилояти Суғд дар тадбиқи барномаҳои иқтисодӣ, тадбиқи сиёсати аграрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша пешгом аст ва дар тадбиқи таҷрибаи пешқадами соҳаи кишоварзӣ, инноватсияҳо ба яке аз пешрафтатарин минтақаҳои Тоҷикистон табдил ёфтааст. Дар шаш моҳи аввали соли 2024, ин минтақа дастовардҳои назаррасеро дар соҳаи кишоварзӣ ба даст оварда, ки онҳо шумораи зиёди таҳаввулот ва беҳбудиро дар усулҳо ва технологияҳои кишоварзӣ дар бар мегиранд. Бо истифода аз технологияҳои нав, кишоварзони вилоят тавонистаанд ҳосилнокии заминҳои худро беҳтар намоянд ва сифати маҳсулоти кишоварзиро ба сатҳи байналмилалӣ расонанд.

Ҳаҷми умумии истеҳсолот дар ин давра ба 5 миллиарду 343 миллион сомонӣ расида, ки ин нишондиҳандаи афзоиши 113,1 фоизро ташкил медиҳад. Афзоиши ҳосилнокии зироатҳо, аз ҷумла гандум, картошка ва сабзавот, ва ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи сифати маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, инкишофи ҳамаҷонибаи соҳаи кишоварзиро дар ин минтақа нишон медиҳад.




### ҲАҶМИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР 6 МОҲ

| Номгӯи маҳсулот | Ҳаҷми истеҳсол (тонна) |
|---|---|
| Ғалладонагиҳо | 109,595,1 тонна |
| Гандум | 74,611,0 тонна |
| Картошка | 55,559,0 тонна |
| Сабзавот | 95,117,3 тонна |
| Полезиҳо | 17,496,7 тонна |
| Меваҷот | 110,963,6 тонна |
| Ангур | 22,4 тонна |
| Гӯшт | 32,353,9 тонна |
| Гӯшти паранда | 8,401,7 тонна |
| Шир | 149,750,6 тонна |
| Тухм | 339 млн 563,8 дона |
| Гӯшти моҳӣ | 441,8 тонна |
| Пилла | 108,6 тонна |
| Асал | 202,3 тонна |

**ШАРҲ:** *Дар муқоиса нисбати нимсолаи соли 2023 афзоиши аксарияти номгӯи нишондиҳандаҳои истеҳсолии соҳа аз 3,0 баробар то 100,6 фоизро ташкил медиҳанд. Ҳаҷми истеҳсоли тухм нисбати 6-моҳаи соли гузашта 95,7 фоизро ташкил медиҳад.*

| Навъи чорво/ паранда | Миқдор |
|---|---|
| Чорвои калон | 761,410 |
| Аз он модагов | 413,104 |
| Гӯсфанду буз | 1,889,815 |
| Асп | 9,282 |
| Паранда | 6,149,291 |

### Пахтакорӣ

Тибқи дастуроти Пешвои миллат вилоят дар соҳаи пахтакорӣ ба пешрафтҳои назаррас ноил шудааст. Масоҳати заминҳои кишти пахта ба 52 ҳазору 438,2 гектар расонида шуд, ки назар ба соли қаблӣ 7 ҳазору 375 гектар зиё аст. Тадбирҳои технологии инноватсионӣ низ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки ба афзоиши истеҳсол ва баланд бардоштани ҳосилнокии пахта мусоидат карданд..

### Сабзавот ва картошкапарварӣ

Дар соҳаи сабзаводкорӣ, масоҳати кишти сабзавот ба 9 ҳазору 556,1 гектар расида, ки нисбати пешбиниҳои аввалӣ 102,6 фоиз ва нисбати соли гузашта 307 гектар кам мебошад. Дар соҳаи картошкапарварӣ, масоҳати кишти картошка ба 18 ҳазору 594 гектар афзудааст, ки ин нишондиҳандаи таваҷҷуҳи вижа ба ин соҳа мебошад.

### Истифодаи босамар аз технологияи пешқадам

Кишоварзони Суғд ба шиддат ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ рӯ овардаанд. Ин бахш ба таври васеъ аз IoT ва робототехникаи кишоварзӣ истифода мебарад, ки имкон медиҳад маълумоти воқеии экологиро ҷамъоварӣ ва таҳлил намоянд. Масалан, системаҳои нави автоматии обёрӣ ва идоракунии захираҳои табиӣ имкон медиҳанд, ки захираҳо бо самаранокии баланд истифода шаванд. Ин технологияҳо ҳамчунин ба кишоварзон имкон медиҳанд, ки аз шароитҳои гуногуни иқлимӣ ва экологӣ максималӣ истифода баранд ва ба таври устувор кор кунанд.

### Истеҳсоли маҳсулоти аз нигоҳи сифат рақобатпазир ва экологӣ тоза

Маҳсулоти кишоварзии вилояти Суғд на танҳо дар бозорҳои дохилӣ, балки дар бозорҳои байналмилалӣ низ рақобатпазир мебошанд. Таъкид ба истеҳсолоти экологӣ тоза, аз қабили маҳсулоти органикӣ ва системаҳои кишоварзии дӯстдори муҳити зист, кишоварзони вилоятро дар ҷойгиркунии маҳсулоти худ дар бозорҳои ҷаҳонӣ қодир сохтааст. Маҳсулоти органикӣ ва тарзҳои устувори кишоварзӣ, ки шомили идоракунии самараноки захираҳои табиӣ ва ҳифзи биохилмаҳалҳо мебошанд, талаботи афзояндаи мизоҷонро дар саросари ҷаҳон қонеъ мекунанд.

Ин таваҷҷуҳ ба устуворӣ ва инноватсия ҳамчунин имкон медиҳад, ки кишоварзони Суғд дар муқобили мушкилоти муосири иқтисодӣ ва экологӣ ба таври муассир вокуниш нишон диҳанд. Бо вусъати истифодаи ин технологияҳо ва методҳо, вилояти Суғд метавонад ба унвони маркази инноватсия ва устувории кишоварзии Тоҷикистон шинохта шавад.




СУРЪАТИ АФЗОИШИ ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД



*Аъзам ЧИЛЛАЗОДА,*
*сардори Раёсати молияи ноҳияи Кӯшониён*

## Молияи Кӯшониён:

# НАҚШАИ ҚИСМИ ДАРОМАД БАРЗИЁД ИҶРО ШУДААСТ

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ таъкид намудаанд, ки татбиқи босамари низоми молиявӣ, мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, роҳандозии дақиқу дурусти ҳисоботи молиявӣ, омӯзиши густурдаи технологияи муосири низоми молиявӣ, сарфакорона равона сохтани маблағҳои буҷети давлатӣ ба хотири рушди соҳаҳои иқтисоди миллии мамлакат мебошад.**

Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён фаъолияти худро дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатӣ”, Қонун “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, бахри иҷрои онҳо як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст.

Бино ба иттилои сардори Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён Аъзам Чиллазода, ҳаҷми умумии буҷети ноҳия дар соли 2024 ба маблағи умумии 166609858 сомонӣ, аз он ҷумла маблағҳои мақсаднок аз буҷети ҷумҳурӣ ба маблағи 86490572 сомонӣ, маблағҳои мақсаднок аз буҷети вилоят ба маблағи 1200000 сомонӣ ва даромади буҷети маҳаллӣ бошад, ба маблағи 77022100 сомонӣ, касри буҷет ба маблағи 1897186 сомониро ташкил дода, дар асоси Қарори маҷлиси вакилони халқи ноҳия тахти №210, аз 26-уми декабри соли 2023 тасдиқ карда шудааст.

Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳияи Кӯшониён бо назардошти тағйиру иловаҳо дар семоҳаи дуюми соли 2024 ба маблағи 37748833 сомонӣ буда, иҷроиш ба маблағи 40478502 сомониро ташкил медиҳад, ки 107%-ро дар бар гирифта, аз нақшаи пешбинишуда ба маблағи 2729669 сомонӣ зиёд ворид гардидааст.

Нақшаи қисми хароҷоти буҷет дар семоҳаи дуюми соли 2024 ба маблағи 85156899 сомонӣ буда, иҷроиш ба маблағи 84725406 сомониро ташкил медиҳад, ки 99%-ро дар бар мегирад.

Дар самти ҳаҷми даромади маблағҳои мақсаднок аз буҷети ҷумҳурӣ оид ба пӯшонидани қисми хароҷоти буҷети маҳаллии ноҳия дар семоҳаи дуюми соли 2024 нақша ба маблағи 43062000 сомонӣ буда, иҷроиш ба маблағи 43050364 сомонӣ, яъне 100%-ро ташкил медиҳад.



Дар самти маблағҳои мақсаднок аз буҷети вилоят нақша ба маблағи 1100000 сомонӣ буда, иҷроиш ба маблағи 1100000 сомонӣ мебошад, ки 100%-ро ташкил медиҳад.

Қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ бо назардошти тағйиру иловаҳо ба маблағи 85156899 сомонӣ нақшабандӣ шуда, дар асл бошад, ба маблағи 84725406 сомонӣ хароҷот гардидааст, ки 99%-ро ташкил медиҳад.

Аъзам Чиллазода мегӯяд, ки кормандони Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён ҳамаи талошҳои худро бахри дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, роҳбарияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳия вобаста ба татбиқи пешбурди фаъолияти молиявӣ дар самти буҷету андоз, самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ, назорати ҳисоби дуруст, пурра ва саривақт ба буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ ворид кардани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии давлатӣ равона кардаанд.

**Машраби АЛОВИДДИН**

## ИҶРОИШИ ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТИ НОҲИЯИ КӮШОНИЁН ДАР СЕМОҲАИ ДУЮМИ СОЛИ 2024

| Номгӯи даромадҳо | Нақшаи аниқшуда | Иҷроиш | % | Фарқият |
|---|---|---|---|---|
| Андоз аз даромадҳои шахсони воқеӣ | 20029717 | 20062530 | 100 | 32813 |
| Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | 5782249 | 5806238 | 100 | 23989 |
| Андоз аз молу мулки ғайри манқул | 8075531 | 8822757 | 109 | 747226 |
| Низоми махсуси андозбандӣ | 3297402 | 4009715 | 122 | 712313 |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 3933141 | 4396895 | 112 | 463754 |
| Андоз аз истифодаи роҳҳои автомобилгард | | | | |
| Ғайриандозӣ | 29423 | 40055 | 136 | 10632 |
| Аксизҳои дохила | 5757 | 6533 | 113 | 776 |
| Андоз аз соҳибони воситаи нақлиёт | | | | |
| Андози захираҳои табиӣ | 1442131 | 2199770 | 153 | 757639 |
| Боҷи давлатӣ | 935731 | 940247 | 100 | 4516 |
| **Ҷамъи даромадҳои дохила** | **37748833** | **40478502** | **107** | **2729669** |
| Маблағҳои мақсаднок аз буҷети ҷумҳурӣ | 43062000 | 43050364 | 100 | -11636 |
| Ҳисоббаробаркунӣ аз буҷети вилоят | 1100000 | 1100000 | 100 | 0 |
| Маблағҳо барои пардохти зиёдшавии музди меҳнат | | | | |

| Номгӯи хароҷот | Нақшаи аниқшуда | Иҷроиш | % | Фарқият |
|---|---|---|---|---|
| Ҳукумат | 2042933 | 2036761 | 100 | -6172 |
| Мудофиа | 290529 | 290138 | 100 | -391 |
| Сӯхторхомӯшкунӣ | 554207 | 554007 | 100 | -200 |
| Соҳаи маориф | 59611271 | 59215302 | 99 | -395969 |
| Соҳаи тандурустӣ | 18976862 | 18953700 | 100 | -23162 |
| Ҷамъи ҳифзи иҷтимоӣ | 785588 | 784901 | 100 | -687 |
| *Хонаи пиронсолон* | | | | |
| *Чернобил* | | | | |
| Кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор | 136623 | 136161 | 100 | -462 |
| *Ҷубронпулӣ ва кумакпулӣ* | | | | |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 977985 | 977110 | 100 | -875 |
| Фарҳанг, нашриёт ва варзиш | 1112287 | 1108728 | 100 | -3559 |
| Нақлиёт, коммуникатсия | 400000 | 400000 | 100 | 0 |
| Хароҷоте, ки ба категорияҳои дигар дохил карда нашудаанд | 268614 | 268598 | 100 | -16 |
| Ҷамъи хароҷот | 85156899 | 84725406 | 99 | -431493 |
| Барзиёдии хароҷот ба даромад ё пули нақди гардиши хазина | 641659 | 566287 | 88 | -75372 |
| **Ҳамагӣ хароҷот** | **85798558** | **85291693** | **99** | **-506865** |

# ҶАРИМАИ СИГОР БОЛО РАФТ




**Дар Тоҷикистон ҷарима барои кашидани сигор, аз ҷумла сигорҳои электронӣ дар кӯча, боғҳо, варзишгоҳҳо ва нақлиёти ҷамъиятӣ афзоиш ёфт.**

Аз ин ба баъд дар кӯча, варзишгоҳ, хиёбон, боғ, дар дохили ҳама намудҳои нақлиёти ҷамъиятӣ кашидани сигор ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 216 то 360 сомонӣ ҷаримаро ба думбол дорад. Қаблан аз 72 то 216 сомонӣ ҷарима муқаррар гардида буд.

Мувофиқи моддаи 463, банди 1-и Кодекси хукуквайронкунии маъмурӣ барои муомилот ва фурӯши маҳсулоти тамоку ва сигорҳои электронӣ бо истифодаи воситаҳои худкор, дастӣ ва дар ҷойҳое, ки барои савдо пешбинӣ нашудаанд, ҷарима муайян шудааст:

**Ҷарима ба шахсони воқеӣ:**
*аз 360 то 504 сомонӣ (қаблан аз 216 то 360 сомонӣ);*
**Ҷарима ба соҳибкорони инфиродӣ:**
*аз 3 ҳазору 600 то 7 ҳазору 200 сомонӣ;*
**Ба шахсони ҳуқуқӣ:**
*аз 7 ҳазору 200 то 14 ҳазору 400 сомонӣ.*

Инчунин ба банди 2, кисми 1-и моддаи мазкур барои фурӯши чаканаи маҳсулоти тамоку ва сигорҳои электронӣ дар сатҳи тиҷоратӣ тариқи берун мондан ва намоиш додани он:
**Ба соҳибкорони инфиродӣ:**
*аз 7 ҳазору 200 то 14 ҳазору 400 сомонӣ;*
**Ба шахсони ҳуқуқӣ:**
*аз 14 ҳазору 400 то 21 ҳазору 600 сомонӣ (қаблан аз 10 ҳазору 800 то 18 ҳазор сомонӣ) ҷарима муайян шудааст.*

# ҶАЗО БАРОИ ДАРСГУРЕЗӢ



**Тибқи тағйироте, ки ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ворид карда шуд, аз ин ба баъд дар Тоҷикистон волидайни муҳассилине, ки бесабаб зиёда аз 50 соат дар дарсҳо ширкат намекунанд, то 864 сомонӣ ҷарима мешаванд.**

Дар қисми 1-и моддаи 90-и кодекси мазкур зикр мешавад, ки "барои бе сабабҳои узрнок ба таҳсилоти миёнаи умумӣ зиёда аз 50 соати дарсӣ дар як чоряки соли таҳсил фаро нагирифтани кӯдак аз тарафи падару модар, васӣ, парастор, шахсе, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунад, намояндаи дигари қонунии кӯдак, инчунин шахси воқеии дигар, ки кӯдак воқеан таҳти тарбияи ӯ қарор дорад, ба андозаи аз 10 то 12 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад".

Ҳоло 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба 72 сомонӣ баробар аст ва тибқи ин муқаррарот акнун волидони "хонандагони дарсгурез" аз 720 то 864 сомонӣ ҷарима баста мешаванд.

Агар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран ҳолати дарсгурезӣ ба қайд гирифта шавад, аз 2 ҳазору 160 то 2 ҳазору 520 сомонӣ ҷарима таъйин мегардад.

# НОБОЛИҒОНИ ШАБГАРД

## Ҳам соҳибкор ҷавобгар ҳам волидайн



**Ҷазои соҳибкороне, ки кӯдакони ноболиғро ба марказҳои дилхушӣ, клубҳои шабона, дискоклубҳо, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок роҳ медиҳанд, сангинтар шуд.**

Аз ин ба баъд чунин соҳибкорон 14 ҳазору 400 сомонӣ ҷарима мешаванд.

Ба моддаи 464, қисми 1-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки "ба кӯдак додани иҷозати воридшавӣ ба марказҳои дилхушӣ ва марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ" пешбинӣ кардааст, тағйирот ворид шуд.

Дар асоси ин модда акнун ба соҳибкорони инфиродӣ аз 180 то 200 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (аз 12 ҳазору 960 то 14 ҳазору 400 сомонӣ) ҷарима таъин карданд.

Агар давоми як сол ин кирдор такрор шавад, ба соҳибкорони инфиродӣ аз 220 то 250 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (аз 15 ҳазору 840 то 18 ҳазор сомонӣ) ҷарима таъин карда мешавад.

Қаблан барои соҳибкорони инфиродӣ ҷазо муайян нагардида буд.

Ҳамчунин, дар асоси моддаи мазкур ҷаримаи падару модарон (шахсони воқеӣ) ва ташкилотҳо (шахсони ҳуқуқӣ) зиёд карда шуданд:

**Ҷарима ба шахсони воқеӣ:** *аз 7 ҳазору 200 то 8 ҳазору 640 сомонӣ (қаблан аз 504 то 720 сомонӣ);*
**Ҷарима ба шахсони ҳуқуқӣ:** *аз 18 ҳазор то 21 ҳазору 600 сомонӣ (қаблан аз 1 ҳазору 224 то 1 ҳазору 440 сомонӣ).*
**Агар давоми як сол ин кирдор такрор шавад:**
**Ҷарима ба шахсони воқеӣ** *аз 9 ҳазору 360 то 10 ҳазору 800 сомонӣ (қаблан аз 936 то 1 ҳазору 80 сомонӣ);*
**Ҷарима ба шахсони ҳуқуқӣ:** *аз 28 ҳазору 800 то 36 ҳазор сомонӣ (қаблан аз 1 ҳазору 944 то 2 ҳазору 160 сомонӣ).*

# МУҶОЗОТ БАРОИ ШИКАСТАНИ САНГИ МАЗОР

**Аз ин ба баъд дар Тоҷикистон онҳое, ки санги мазорҳоро мешикананд ё ба қабрҳо зарар мерасонанд, ҷарима хоҳанд шуд. Ин муқаррарот ахиран дар қисми 2-юми моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ илова карда шуд.**

Тибқи тағйироти нав ба қонун ба волидайни кӯдаконе, ки ба санги болои қабрҳо ва ороишоти дар оромгоҳҳо насбшуда зарар мерасонанд, ба андозаи аз 15 то 20 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. Ҳоло 1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба 72 сомонӣ баробар аст ва тибқи ин муқаррарот акнун волидайни кӯдаконе, ки ба мазорҳо осеб мерасонанд, аз 1 ҳазору 80 то 1 ҳазору 440 сомонӣ ҷарима баста мешаванд.

Агар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран ҳолати тахриб ё зараррасонӣ ба санги мазорҳо ба қайд гирифта шавад, аз 2 ҳазору 160 то 2 ҳазору 520 сомонӣ ҷарима таъйин мегардад.

Агар ин ҷиноятро шаҳрвандони аз 18-сола боло содир кунанд, то 36 ҳазор сомонӣ ҷарима мешаванд ва ё то 3 сол равонаи зиндон хоҳанд шуд.

Қаблан дар моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ чунин ҷазо пешбинӣ нагардида буд.

Ёдовар мешавем, ки Президенти Тоҷикистон рӯзи 20-уми июн ба тағйиру иловаҳои як қатор қонунҳо, аз ҷумла ба тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ имзо гузошт.



**Суди Екатеринбурги Русия 5 шаҳрванди Тоҷикистонро бо ҷурми "ташкили гурӯҳи террористӣ, ҷалби одамон ва иштирок дар он" равонаи зиндон кард.**

Расонаи "It's My City" иттилоъ медиҳад, ки Сангинмурод Мусофирову Абубакр Сангчаровро гунаҳкор дониста, якеро 25 ва дувумиро 24 сол аз озодӣ маҳрум кардаанд. Се гумонбари дигари парванда - Анваршо Авезов 18 сол, Нуралӣ Дӯстов 17 сол, Шаҳромҷон Мусофиров 16 сол зиндонӣ ва 350-ҳазоррублӣ ҷарима шудаанд. Тафсилоти дигар дастрас нест.



**Кормандони милитсия дар сӯхтори шаби 1 ба 2-юми июл дар бозори марказии ноҳияи Ҷайҳун сокини 41-солаи шаҳраки Дӯстии ноҳияро дастгир кардаанд, ки мехост ашёи аз оташ эминмондаро бидуздад.**

- Шаҳрванд К. А. тақрибан соати 4-и саҳар аз ҷониби кормандони милитсия дар вақти содир намудани ҷинояти дуздӣ дар мавзеъҳои аз сӯхтор зарардида дастгир карда шуд,- менависад Раёсати ВКД дар вилояти Хатлон. Вобаста ба ҳолати мазкур тибқи талаботи моддаи 244, қисми 3 Кодекси ҷиноятӣ парванда оғоз гардида, дастгиршуда ба ҳабси пешакӣ гирифта шуда, тафтишот идома дорад.



**Давоми шаш моҳи соли ҷорӣ дар доираи амалиёти "Корд" дар шаҳри Душанбе аз ноболиғон ва ҷавонон 62 адад силоҳи сард мусодира шудааст. Дар ин бора Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе иттилоъ медиҳад.**

Дар умум дар ин давра 51 корд, 7 кастет, 2 битта, 1 электрошокер ва 1 табар мусодира шудааст. Гуфта мешавад, ки 60 адади ин силоҳҳо аз дасти ноболиғон дарёфту мусодира карда шудааст. РВКД дар шаҳри Душанбе нигаронӣ кардааст, ки бо вуҷуди хушдорҳои зиёд дар мавриди таълиму тарбияи наврасон ва ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани онҳо, боз ҳам истифода ва бо худ гирифтани силоҳи сард аз ҷониби наврасону ҷавонон қатъ намешавад.

# БИДУНИ ЯХДОН

## 10 маҳсулоте, ки сардиро дӯст намедоранд



**Яхдон дастёри беминнат буда, барои тару тоза нигоҳ доштани маводи ғизоӣ кумак мекунад, вале на ҳама маҳсулот бояд дар яхдон нигоҳ дошта шаванд. Бархе маҳсулот дар яхдон хосияти худро аз даст медиҳанд ва ҳатто ба саломатӣ зараровар мешаванд. Дар бораи 10 маҳсулоте, ки набояд дар яхдон нигаҳдорӣ шаванд, ба шумо маълумот медиҳем.**



### 1. РАВҒАНИ РАСТАНӢ.

Равғани зайтун, офтобпараст, пахта, хардал, кокос ва дигар равғанҳои ғайри шириро дар яхдон нигоҳ доштан лозим нест. Ранги равғани дар яхдон нигоҳдошташуда тира гашта, тамъашро гум мекунад. Агар равған дар яхдон дурудароз нигаҳ дошта шавад, ба саломатӣ зарар меорад.



### 2. АСАЛ.

Дар ҳарорати паст асал зуд ях мекунад ва агар дар наздикиаш ягон ғизои бадбӯй бошад, дарҳол бӯйи онро кашида мегирад. Албатта хӯрдани асале, ки бӯйи бад дорад, ба ягон кас писанд нест. Бартарии асал аз дигар маҳсулот дар он аст, ки ин ширинии лазизи табиӣ бидуни яхдон муддати дурудароз вайрон намешавад. Асали харидаатон агар дар гармӣ вайрон шавад, донед, ки шуморо фиреб кардаанд ва асали харидаатон тоза нест.



### 3. ЗИРАВОРӢ.

Адвиётро дар яхдон нигоҳ доштан зарур нест. Аввалан, мурчу зира ва дигар хушбӯйиҳо вайрон намешаванд. Дуюм, вақте ки шумо хушбӯиҳоро дар яхдон нигоҳ медоред, накҳату бӯйи гуворояшон гум мешавад.



### 4. ҚАҲВА.

Барои он ки қаҳва бӯйи хуш ва накҳати гуворояшро гум накунад, онро дар ҷойи торик ва салқин нигоҳ доштан лозим аст, вале на дар яхдон. Гап сари он аст, ки дар яхдон қаҳва зуд вайрон мешавад.



### 5. ДОНАҲОИ ҶУВОРИМАККА.

Донаҳои ширини ҷуворимаккаро ба ҳеҷ ваҷҳ дар яхдон нигоҳ надоред. Вақте ки шумо онҳоро дар яхдон мемонед, дигар қарс-қарс садо намебароранд, бар замми ин, бӯйи бади гӯшту моҳӣ ва дигар хӯрданиҳоро кашида гирифта, бадбӯй мешаванд.



### 6. ПУДИНА.

Пудина дар яхдон зуд пажмурда мешавад. Беҳтараш дар як истакон об гирифта, онро мисли гулдаста дар дарунаш гузоред.



### 7. МЕВАҲОИ НИМХОМ.

Шафтолу, зардолу, олуболу ва дигар меваҳои нимпухтаро дар яхдон нагузоред. Ҳарорати паст ба пухта расидани мева монеъ гашта, боиси вайроншавии меваҳо мегардад. Дар ёд дошта бошед, ки танҳо меваҳои нағз пухтаро дар яхдон нигоҳ медоранд. Гуфтагӣ барин, пеш аз ба яхдон гузоштан меваро нашӯед, чунки пӯсташ озурда гашта, зуд вайрон мешавад.



### 8. ШОКОЛАД.

Вақте ки шумо тахтаи шоколадро дар яхдон мегузоред, рӯйи он ба зудӣ сафед шуда, тамъашро гум мекунад, бар замми ин, мағор бастанаш мумкин аст.



### 9. ПОМИДОР.

Помидор дар яхдон зуд мулоим шуда, маззаашро гум мекунад. Беҳтараш ҳар як донаи помидорро дар коғаз печонида, дар таги тиреза, дар ҷойи салқин нигоҳ доред.



### 10. КАРТОШКА.

Картошкаро дар ягон картон ё зарфи чӯбин гирифта, дар ҷойи торик ва салқине нигоҳ доред, ки ба он ҳаво расида истад. Дар яхдон картошка зуд неш мезанад. Гуфтагӣ барин, картошкаро дар пакетҳои полиэтиленӣ низ нигоҳ доштан мумкин нест, зеро дар муддати кӯтоҳ вайрон мешавад.

МАСЛИҲАТ

# 7 ФОИДАИ СИРПИЁЗ

**Бисёриҳо ба хотири бӯйи нохуш доштанаш аз хӯрдани сирпиёз худдорӣ менамоянд, ҳол он ки барои саломатӣ он бениҳоят муфид мебошад. Мо дар бораи манфиатҳои сирпиёз ба шумо маълумот медиҳем.**

**1.** Сирпиёз иммунитетро мустаҳкам мекунад ва барои мубориза бо шамолхӯрӣ кумак мерасонад.
**2.** Фишори хунро паст мекунад.
**3.** Сатҳи холестеринро дар хун паст мекунад.
**4.** Барои муқовимат ба рушди заъфи куҳна ёрӣ мерасонад.
**5.** Қанди хунро паст мекунад.
**6.** Хавфи саратони простатаро коҳиш медиҳад.
**7.** Сирпиёз давои беҳтарин аз хасташавӣ аст.

**Чор дона сирпиёз (тақрибан 28 грамм) ба ҷисми шумо ин моддаҳои муфидро медиҳад:**

- *марганес - тақрибан 23% аз меъёри тавсияшудаи ҳаррӯза;*
- *витамини В6 - 17%;*
- *витамини С - 15%;*
- *селен - 6%.*



# Толеънома



***Ҳамал***
**21.03 - 20.04**

Дар ҳаёти шахсӣ ва ҷойи кор аз тағйирот натарсед, беҳтараш кӯшиш намоед, ки аз вазъият фоида ба даст оред. Дарди сабуки дар ҷисматон пайдошуда ба зудӣ нест мешавад. Каме даромади пулӣ ба даст меоред, вале тамоми маблағро пурра сарф накунед.



***Савр***
**21.04 - 21.05**

Дар масъалаҳои молиявӣ ҷиддан андеша кунед. Одати қарз гирифтанро партоеду маблағро сарфакорона харҷ намоед. Ин ҳафта бахтатон омад мекунаду корҳоятон барор мегирад, ба шарте ки ба маслиҳати дигарон гӯш надиҳед.



***Ҷавзо***
**22.05 - 21.06**

Ҳафтаи нав барои ҷавзоҳо шодиву нишот меорад. Кӯшиши ҷизеро дар зиндагӣ тағйир доданро мекунед, навигарӣ мехоҳед. Ҳафта барои бартараф намудани мушкилиҳое, ки ба дигарон гуфтан намехоҳед, мусоид аст. Муносибатҳои вайроншудаи оилавӣ аз нав барқарор мегарданд.



***Саратон***
**22.06 - 23.07**

Обрӯву нуфузи саратонҳо дар ҳафтаи нав миёни атрофиёнашон зиёдтар мегардад. Аз имкон дур нест, ки маҳз дар ҳамин ҳафта аз рафтору кирдори шумо тақдири дигарон вобастагӣ дошта бошад. Айёми мусоидест барои вохӯрӣ бо нафарони мансабдор.



***Асад***
**23.07 - 22.08**

Зодагони мучали асад дар ҳама ҷода мавқеашонро баланд бардошта, донишу малакаи худро бояд нишон дода тавонанд, танҳо бо ҳамин роҳ обрӯву нуфузи худро баланд бардоштан муяссар мегардад. Агар муҷаррад бошед, муҳаббати худро вомехӯред.



***Сунбула***
**23.08 - 22.09**

Зодагони мучали сунбула дар ҳафтаи нав таваккал карда, бурд мекунанд. Аз уҳдаи мушкилиҳои дар ин ҳафта пайдошуда бо сари баланд мебароед, вале хаста мегардед. Рӯзи сешанбе ягон кори навро оғоз накунед, беҳтараш корҳои нобасомонро ба анҷом расонед.



***Мизон***
**25.09 - 22.10**

Дар бисёр масъалаҳо гузашт карда, ба фоидаи худ амал мекунед. Дар масъалае нақши миёнаравро бозӣ карда, аз уҳдааш хеле хуб мебароед. Вақти хубест барои мустаҳкам сохтани муносибатҳои корӣ ва оилавӣ. Одати аз пашша фил сохтанро партоед.



***Ақраб***
**23.10 - 22.11**

Ҳафтаи нав хеле серкор мешавед. Наздиконатон ба ғамхории шумо ниёз пайдо мекунанд. Корҳои зиёдеро масъулиятнокӣ ва қарзи худ шуморида, иҷро мекунед. Барои нафароне, ки ҷойи кори худро иваз кардан мехоҳанд, ҳафтаи мусоид аст.



***Қавс***
**25.11 - 21.12**

Аввали ҳафта вазнину дилгиркунанда меояд. Шуморо лозим меояд, ки кори табъи дилатон набударо иҷро кунед, дар баробари ин, онро партофта ҳам наметавонед. Вазъиятро шахси дӯстдоштаатон тағйир медиҳаду дар натиҷа муҳаббататон ба ӯ бештар мегардад.



***Ҷаддӣ***
**22.12 - 20.11**

Аввали ҳафта кӯшиши ба атрофиён маслиҳату тавсияҳои худро бор карданро накунед. Агар кумаки шумо ба нафаре лозим бошад, ҳатман наздатон меояд. Тамоми корҳоятон бобарор анҷом ёфта, атрофиён ба шумо ҳасад мебаранд. Диққати худро ба аҳли оилаи худ равона созед.



***Далв***
**21.01 - 19.02**

Далвҳо дар ҳафтаи нав вохӯриву сафарҳои зиёд доранд. Нафарони наву аҷибе дар ҳаётатон пайдо мешаванд. Миёнаи ҳафта барои харид кардани ҷиҳози хона мусоид аст. Агар нақшаи таъмир кардани хонаро дошта бошед, вақти харидани масолеҳи даркорӣ расидааст.



***Ҳут***
**20.02 - 20.03**

Аввали ҳафта қабл аз кореро ба анҷом расониидан сад бор андеша намоед. Рӯзи душанбе ақидаи худро оромона баён кунед, вагарна атрофиёнро сахт меранҷонед. Дар ин давраи умр дар баробари кор кардан истироҳатро низ фаромӯш накунед.

## БА МУНОСИБАТИ 70-СОЛАГИИ НАВИСАНДА

# ДОСТОНИ ШЕРИ ҒАЗЗАГӢ ВА БАҲМАНЁР

**(Аввалаш дар шумораи гузашта)**

Баҳманёр дар адабиёти муосири мо, дар эҷоди ҳикоя назир надорад. Ӯ бо сабк ва шеваи махсуси нигориши худ аз ҳамаи ҳамқаламонаш ба куллӣ фарқ мекунад. Агар гӯям, ки ӯ ягона нависандае буд, ки куллӣ ҳикояҳояш сад дар сад посухгӯи ин жанранд, иштибоҳ нахоҳад шуд. Чаро ки аксар ҳикояҳое, ки мо имрӯз менависем, ҷавобгӯи ин жанр набуда, мақолаҳое беш нестанд.

Ҳикояҳои Баҳманёр воқеан ҳам ҷаззобанд. Ин ҷаззобиятро ҳатто хориҷиёне, ки мусташриқанду ба ҳуруфоти кириллӣ баладанд, эътироф кардаанд.

Дар иртибот ба ҷаззобияти ҳикояҳои Баҳманёр порае аз суҳбати профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Равшани Раҳмонӣ бо устоди забон ва адабиёти форсии Донишгоҳи Янгелониани шаҳри Краковои кишвари Лаҳистон (Полша) доктор Марек Сумужунскиро, ки зимни ҳамоиши эроншиносӣ соли 2007 дар пойтахти Гурҷистон - шаҳри Тифлис баргузор гардида буд, рӯи коғаз меорам:

“- Чӣ осоре аз адибони муосири тоҷик ба лаҳистонӣ тарҷума шуда?

- Адабиёти классик муштарак аст, вале тарҷума аз муосир дар ёд надорам. Шояд дар замони коммунистӣ як чизҳое тарҷума шуда, аз адабиёти модерни тоҷикӣ. Ёдам аст, ки дар Эрон бо яке аз тоҷикҳо дӯст шуда будам, ки аз тариқи ӯ бо чанд асари як нависандаи модерни тоҷикӣ ошно шудам, ки исми он нависанда Баҳманёр аст. Аз Баҳманёр чизе тарҷума шуда. Дар маҷаллаи шарқшиносӣ яке аз эроншиносони Варшав ду-се достонашро ба лаҳистонӣ тарҷума карда, бароям ҷаззоб буд. Вақте бо дӯсти тоҷике дар хобгоҳ (дар Эрон) зиндагӣ мекардам ва дидам ӯ китобе аз ин нависанда дорад, он китобро аз ӯ тақозо кардам, ки ба ман амонат бидиҳад, то бихонам, хеле хушам омада буд” (маҷаллаи “Пайванд”, рақами 48, соли 2022).

Дар мавриди забони нигоштаҳои Баҳманёр низ метавон гуфт, ки ӯ нодираи айём буд. Ман нависандаеро ёд надорам, ки бад-ин зебоӣ ва шевоӣ асар офарида бошад.

Воқеан ҳам сабки шоиронаи ӯро дигар нависандае надорад ва дар оянда низ дар гумон аст, ки носире чун ӯ ба майдони адабиёт биёяд, ки соҳиби чунин сабки зебо бошад. Ҳақ ба ҷониби Сиёвуши Ҷунайдист, ки нигоштааст: “Баҳманёри қолабшикан ва даргурез аз ҳама чорчӯб ва маҳдудаҳо ё амдан ё нохудогоҳ барои худ як чорчӯберо меофарад ва худро дар қолиби сангини меъёрҳои ахлоқӣ, гуфторӣ ва рафторӣ, одоб ва суннати он дунёи худофарида мекашад. Он дунё бо он, ки худофаридаи Баҳманёр аст, дар воқеъ он қадар табиӣ, самимӣ, малмус, зебо диданӣ ва боваркарданӣ аст, ки хонанда ғайриихтиёр онро чун дунёи воқеӣ мепазирад ва ошиқи он диёр ва сокинони он мегардад. Он диёри зеборо ном “Сармаддеҳ” аст, ки Баҳманёр аз ҳикоя то ҳикоя, аз китоб то китоб байни хонандаи худ ва он диёри нафис як робитаи муҳками отифӣ барқарор кардааст... Сабки Баҳманёр бо он латофат, отифа ва зебопарастии хосе, ки дорад, бо сабки дигар аз ҳамқаламон ва ҳаммаслаконаш фарқ мекунад. Насри Баҳманёрро шояд метавон шартан “романтизми лирикӣ” номид, ҳарчанд вай ҳама гуна қолабҳо ва маҳдудиятҳоро мешиканад ва талош мекунад, масалан, барои як мунтақиди наср маҷол нагзорад, ки ӯро дар чорчӯби кадом сабке маҳдуд намояд. Ва ё метавон ин сабкро, боз ҳам шартан, “шеъри мансур” номид. Аксари ҳикояти Баҳманёр монанди як шеъри тӯлонии сужадор ҳастанд. Агар ин достонҳоро бо шеър муқоиса кунем, ҳар яке аз онҳоро метавон “баллада” ном кард”.



Бале, сабки Баҳманёрро метавон “шеъри мансур” номид. Ба таври мисол таваҷҷуҳ кунед ба чанд пораи зер:

“Ман дар сояи санг, дар сояи хаданг, дар сояи заранг, дар кӯҳсори бе қулфу маданг, интизорам варову вай мекунад даранг” (“Вақти гули бобуна”).

***

“Рахши вақт чоргома метохт. Табиат нобуд мекарду месохт. Зиндагӣ ато мекарду марг бозпас мехост. Тақдир оҳанги тасодуф менавохт ва бо ин тасниф инсонро ба вартаи иштибоҳ меандохт, дар кӯраи имтиҳон мегудохт, ки аз он одам гоҳе мебурду гоҳе мебохт” (“Чашмаи ният”).

***

“Агар нуздаҳандар шарм дар ӯ намешавад падид, пас дар ҳафтод низ гирди сараш нахоҳад чархид” (“Зурахш”).

Адабиётшиносони маъруф Носирҷон Салимӣ ва Шамсиддини Солеҳ низ сабки шоиронаи Баҳманёрро ба мушоҳида гирифта, дуруст зикр кардаанд: “Дар сабки баёни Баҳманёр завқу дарки шоиронаи ҳаводиси муқаррарии зиндагӣ мақоми махсус дорад ва рамзу розҳои каломи ӯ аз ҳаминҷо сарчашма мегиранд. Дар сухани ӯ хонанда ҳам назокати каломи шоиронаи адабиёти гузашта, ҳам зарофату зебоии забони мардумию фолклорӣ ва ҳам кӯшишҳои сухансозию суханбозии худашро дар омезиши моҳиронаю устодона ба мушоҳида мегирад...”.

Дар идомаи гуфтаҳои боло ҳаминро афзуданиям, ки ҳарчанд Баҳманёр боре ҳам шеър нагуфтааст, вале табъи баланди шоирӣ дошт. Аксари шеърҳое, ки дар “Сармаддеҳ” истифода шудаанд, моли Баҳманёранд. Таваҷҷуҳ кунед ба ин байт:

*Касеро ақлу қавлу ҳам*
*вафо нест,*
*Яқин дон, ӯ зи Сармаддеҳи*
*мо нест!*

**Ва ё:**

*Бар хонаи қиссагар гузар*
*кардам дӯш,*
*Дидам паси миз шиштаву*
*лаб хомӯш.*
*Ногоҳ зи қаъри дил*
*баровард хурӯш,*
*Ку қиссагару қиссахару*
*қиссафурӯш?!*

Ҳарчанд ин рубоӣ дар пайравӣ ба Хайём аст, зебо гуфта шудааст. Бад-ин минвол метавон боз шеърҳои зиёдеро мисол овард, ки гӯяндаи он шояд Баҳманёр бошад.

Баҳманёр дар офаридани ибораю истилоҳ ва калимаю вожаҳои нав низ дасти тавоно дошт. Масалан, то ба ҳол касе “барфи кабуд”-ро, ки дар ҳикояи “Барфҳои кабуди Сармаддеҳ” истифода шудааст, дида ва ё шунидааст? Ҳаргиз! Вожаи “дарзи ҷон” низ, ки дар ҳикояи мазкур истифода шудааст, нав мебошад. Истилоҳи “чилдурӯғ” ҳам, ки лақаби Холдори Чилдурӯғ аст, сохтаи Баҳманёр мебошад. Ва ё ибораҳои “чойсолор”-у “моҳиҳои охӯрӣ” низ ҷолибанд.

Чунин иборaву истилоҳ ва ё вожаҳое, ки миёни мардум мураввaҷанду вале ба адабиёт ворид нашудаанд, дар насри Баҳманёр фаровонанд. Мо ба таври иҷмол чанде аз ин вожаҳоро мисол овардем, ба умеди он ки дар оянда ашхоси ворид, яъне мутахассисони варзидаи соҳа ин иқдомро идома бидиҳанд. Чаро ки осори мондагори Баҳманёр маводи чандин рисоларо дорад.

***

Аз бузурге пурсидаанд, ки “бародар хуб аст ва ё дӯст?”. Гуфт: “Бародар, агар дӯст бошад”. Баҳманёр барои ман ҳамин гуна дӯст буд. Дӯсте, ки бо гузашти айём бародар гардида буд.

Дӯстии мо таърихи анқариб нимасра дошта, аз соли 1972 оғоз ёфтааст. Дар он айём ман донишҷӯи соли дувуми факултаи забон ва адабиёти Университети давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин (алъон ДМТ) ва Баҳманёр донишҷӯи соли аввали бахши арабии факултаи шарқшиносии ин донишгоҳ буд. Ҳамчунин пас аз хатми донишгоҳ тӯли чанд сол дар кӯчаи “Партизани сурх” иҷоранишин ва гузашта аз ин дар ҳафтономаи “Адабиёт ва санъат”, ки дар он айём “Маданияти Тоҷикистон” ном дошт, ҳамкор низ будем.

Ҳарчанд мо дар зиндагӣ шахсиятҳои мухталиф будему ақидаҳоямон низ гуногун, то вопасин лаҳзаҳои умри дӯсти ҷонию бародари қиёматиам Баҳманёр самимият миёни мо барҷой буд.

Тобистони соли 2020 ман қиссаи мустанади таърихии “Волии Киштӯд”-ро, ки то ба ҳол китоб нашудааст, анҷом додам. Яке аз қаҳрамонҳои лаҳзавии ин қисса Шери Ғаззагист. Қиссаи Шери Ғаззагиро ман дар даҳ ё дувоздаҳсолагиам аз қиблагоҳ шунида будам. Ба сабаби он ки Баҳманёр таърихро на танҳо аз ман, балки аз дигар нависандагон низ беҳтару хубтар медонист ва гузашта аз ин, ӯ зодаи деҳаи зебоманзари Ғазза аст, ба ӯ телефон карда, хоҳиш намудам, ки қиссаи мазкурро аз назар гузаронад.

- Ман,- гуфт Баҳманёр,- ҳоло дар Панҷакентам, мураххасиам баъд аз як ҳафта анҷом меёбад. Қиссаи шуморо ҳатман мехонам, чаро ки дар бораи Шери Ғаззагӣ на танҳо маълумот дорам, балки ӯ ба ман хешигарӣ низ дорад. Аниқтараш, ӯ тағои модари ман аст. Ба Душанбе ки рафтам, дар тамос мешавем.

Пас аз даҳ рӯз Баҳманёр ба ман занг зада, хоҳиш кард, ки қиссаро дастрасаш намоям.

Баҳманёр бар замми ҷонишини сармуҳаррири “Садои Шарқ” масъули бахши очерку публитсистикаи маҷалла низ буд. Бинобар ин ғайр аз қиссаи мазкур очерки “Қадршинос”-ро, ки дар он сухан аз рӯзгору фаъолияти устод Боқӣ Раҳимзода мерафт, ба ӯ таслим карда, гуфтам:

- Очерк барои маҷалла, ҳамин моҳ мехонед ё оянда, соҳибихтиёред. Вале давомнокии мутолиаи “Волии Киштӯд” тӯл накашад. Чаро ки моҳи оянда бояд дар Радиои Тоҷикистон сабт шавад.

- Бошад,- гуфт Баҳманёр.

Хуб ёд дорам, ки пас аз бист рӯз, рӯзи ҷумъа буд. Баҳманёр занг зада, бо овози хаста гуфт:

- Салом, акои Карим. Қиссаро хонда, ба итмом расондам. Рӯзи душанбе омада гиред. Хуш бошед!

Ба ростӣ, аз ин гуфтори Баҳманёр ба ҷои хуш шудан нороҳат шудам. Чаро ки ӯ ҳамеша хушҳолона зимни телефон аз ҳолу аҳвол ва ба чӣ кор машғул буданам пурсон мешуд.

Вале мани бехабар намедонистам, ки ин охирин телефони дӯсту бародари қиёматиам аст.

**(Давом дорад)**

**Карим МӮСО,**
**нависанда**

## МАВЛУДНОМА

**• 11 ИЮЛ •**

**Дилором Ваҳҳобзода** (1964), 60-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Павел Евтеев** (1914-1989), 110-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ, журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Карим Раҳимов** (1949-2002), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Мақсуд Умаров** (1954), 70-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Олим Ҳакимов** (1919-1990), 105-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

**• 12 ИЮЛ •**

**Ҷаббор Ғафуров** (1924), 100-солагии зодрӯзи устои барқ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Миралӣ Одинаев** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Амон Нетсер** (1934), 90-солагии зодрӯзи эроншинос, муҳаққиқи адабиёти классикии форс-тоҷик.

**Петр Петров** (1884-1969), 140-солагии зодрӯзи шарқшиноси рус, муҳаққиқи таъриху тамаддуни пешини мардумони эронӣ.

**• 13 ИЮЛ •**

**Хумор Додаров** (1939), 85-солагии зодрӯзи файласуф.

**Қаро Зокиров** (1929), 95-солагии зодрӯзи ҳайкалтарош.

**Зариф Саломатшоев** (1909-1982), 115-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Самеъҷон Шодиев** (1919-1994), 105-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Александр Ямилов** (1934), 90-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Моили Ҳиравӣ** (1924), 100-солагии зодрӯзи шоири даризабони Афғонистон.

**• 14 ИЮЛ •**

**Султонмаҳмуд Абдумаҳмадов** (1934), 90-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Борис Мамченко** (1919-1983), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи байторӣ.

**Марям Муҳаммадқулова** (1939), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**• 15 ИЮЛ •**

**Баҳманёр (Наҷмиддин Арабзода**, 1954-2020), 70-солагии зодрӯзи навиcанда.

**Абдулло Дӯсти Хоксорӣ** (1939-2006), 85-солагии зодрӯзи шоир.

**Волдемар Гресинегер (**1929), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи селексияи пахта.

**Ҷӯра Ғозиев** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Хол Ғуломов** (1929), 95-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Муқаддас Искандарӣ** (1929-2003), 95-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Гулчеҳра Камолова** (1934), 90-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Давлат Назрӣ** (1964), 60-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Тӯхтабой Тоҳиров** (1924-1992), 100-солагии зодрӯзи муаррих.

**Умриқул Ҳақбердиев** (1934-2000) 90-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**• 16 ИЮЛ •**

**Баҳоваддини Валад** (1149-1232), 875-солагии зодрӯзи мутафаккири форс-тоҷик.

**Толибшо Саидзода** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Раҳмат Розиқов** (1924), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи байторӣ.

**Константин Ромадановский** (1889-1967), 135-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Ваҳиди Дастгардӣ** (1879-1942), 145-солагии зодрӯзи шоир ва олими эронӣ.

**• 17 ИЮЛ •**

**Михаил Рачковский** (1929), 95-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

**Евгений Соколов** (1929), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Муҳаммад Афсар** (1879-1970), 145-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

**• 18 ИЮЛ •**

**Фазлӣ Асадов** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Суват Ҳомидов** (1939-1998), 85-солагии зодрӯзи кинорежиссёр.

**Наҷафалии Наботӣ** (1904-1976), 120-солагии зодрӯзи шоири даризабони Афғонистон.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи**
**миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## МЕФУРӮШАМ

►ҲАВЛӢ

►Ҳавлӣ, 5 дар хона, 156 м.м., 4 сот. замин, қубури обпарто (канализатсия), обу барқ доимӣ, нишонӣ: 1 Советский, к. Возеҳ 3, 140.000 в.ш. (бо сомонӣ), савдо мешавад. Тел.: 918-85-63-69

## ОМӮЗИШ

►Дарсҳои иловагӣ барои синфҳои аз 1 то 4, бо боварии том. Тел.: 987-53-45-75

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Шаҳодатномаи нафақавӣ, КДАМ ҶТ, ба номи Ҳусайнов Муҳиддин Рамазонович, ки соли 2022 аз ҷониби Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, A00871021, ба номи Кахоров Алихон Инатулоевич, ки санаи 10.03.2017 аз ШВКД-2 ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Аттестати синфи 9 T-ATA, №1576502, ба номи Собирҷанова Нозима Одилҷоновна, ки санаи 17.06.2023 аз МТМУ №40-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Лутфуллоев Сухроб, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чоргултеппа, деҳаи Садда, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматии квартираи литери 1A1 таҳти феҳристи №1Ш-70 аз санаи 12.01.2021 ба номи Ҷумаев Ибодулло Алиевич, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳаи Нишони Ленин, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи хизматӣ, ШХДМ ШВКД-2 дар н. Синои ш. Душанбе, лейтенанти калони милитсия, ки ба Назарзода Орифҷони Шоназар тааллуқ дорад, аз 10.04.2024 гум шудааст, беэътибор дониста шавад.

►Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин №1, ки санаи 12.02.2008 таҳти №0490932, бо суроғаи ноҳияи Ёвон, ҷамоати шаҳраки Ҳаёти нав, деҳаи 8 март, ба номи Ҳаитов Тошмуҳамад Хидирович дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси соҳибкори инфиродӣ ба номи Махсадов Аҳлиддин Хусенович, №0541985, РЯМ: 3330062304, санаи судур 30.08.2022, ки аз Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ дода шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шавад.

►Аттестати синфи 11 A-005900 ба номи Кимсанбаев Тоҳир Курбоналиевич, соли таҳсил 1992-1993, ки аз МТМУ №16-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи шаҳрвандӣ, A00481753, ба номи Ахмедов Мустақим Абдувадудович, ки санаи 30.03.2016 аз ШВКД дар ноҳияи И. Сомонии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

►ҶДММ "Мактаби лондон", №0280837, РЯМ:0110024338, РМА:010100284, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►ҶДММ "Анҷибар", РЯМ: 0710010767, РМА: 070017756, аз санаи 05.04.2021 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►Кооперативи тиҷоратии "Мавзидин", РЯМ: 3310001485, барҳам мехӯрад.




## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Project Associate, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 19344/National Personnel Services Agreement/NPSA-6); Duty Station: Khujand; Deadline for applications: 24 July 2024 NY time.**
- **Finance Associate, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 19307/FTA Local/G6); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 31 July 2024 NY time.**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

ФУТЗАЛ

## ТОҶИКИСТОН БО ИСПАНИЯ ВА НИДЕРЛАНДҲО БОЗИИ САНҶИШӢ АНҶОМ МЕДИҲАД




**Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон таҳти роҳбарии сармураббӣ Пайрав Воҳидов дар доираи омодагӣ ба Ҷоми ҷаҳон-2024 дар моҳи сентябр дар Душанбе бо тимҳои миллии футзали Испания ва Нидерландҳо ду бозии дӯстона анҷом медиҳад.**

Футзалбозони Тоҷикистон 5-уми сентябр бо тими миллии Испания ва 8-уми сентябр бо дастаи мунтахаби футзали Нидерландҳо қувва месанҷанд. Ҳамчунин, рӯзи 7-уми сентябр дар Душанбе воҳӯрии дастаҳои мунтахаби Испания ва Нидерландҳо баргузор мешавад. Ҳамаи ин бозиҳои санҷишӣ дар маҷмааи варзишии «Кохи Олимп»-и Душанбе баргузор хоҳанд шуд.

Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар Чемпионати ҷаҳон, ки аз 14-уми сентябр то 6-уми октябр дар Ӯзбекистон баргузор мешавад, дар гурӯҳи «Е» бозӣ мекунад. Ҳарифони шогирдони Пайрав Воҳидов дастаҳои мунтахаби футзали Марокаш (16-уми сентябр), Португалия (19-уми сентябр) ва Панама (22-юми сентябр) ҳастанд.

ОЛИМПИАДА-2024

## ДАР ПАРИЖ ТОҶИКИСТОНРО 14 ВАРЗИШГАР НАМОЯНДАГӢ МЕКУНАНД

**Бозиҳои 33-юми тобистонаи олимпӣ аз 26-уми июл то 11-уми августи соли 2024 дар шаҳри Парижи Фаронса баргузор мегардад, ки дар он аз Тоҷикистон 14 варзишгар ширкат мекунанд.**




Ҷудокорони тоҷик маротибаи аввал аст, ки соҳиби 6 роҳхати олимпӣ шуданд. Инҳо Эмомалии Нуралӣ дар вазни то 66 кг, Беҳрӯз Хоҷазода дар вазни то 73 кг, Сомон Маҳмадбеков дар вазни то 81 кг, Комроншоҳ Устопириён дар вазни то 90 кг, Темур Раҳимов дар вазни +100 кг ва тарики квота Ҷаҳонгир Маҷидов дар вазни то 100 кг ҳастанд.

Ёдовар мешавем, ки қаблан варзишгарони тоҷик ба Олимпиадаи Париж панҷ роҳхат гирифта буданд, ки сетоаш ба риштаи бокс, яктой ба таэквондо ва куштии озод марбут аст. Давлат Болтаев, Мичгона Самадова ва Баҳодур Усмонов дар риштаи бокс, Мунира Абдусаломова дар риштаи таэквандо, Виктор Рассадин дар риштаи куштии озод роххатҳои олимпӣ ба даст овардаанд.

Ба Тоҷикистон аз ҷониби Кумитаи байналмилалии олимпӣ дар риштаи шиноварӣ 2 квота (1 марду 1 зан) ва дар намуди варзиши сабук 1 квота чудо карда мешавад, ки дар шиноварӣ Екатерина Бордочёва бо Фахриддин Макамов ва дар варзиши сабук Фаворис Музрапов ҳастанд.

Нахустин медали олимпиро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Расул Боқиев овардааст. Вай соли 2008 дар Олимпиадаи Пекин дар куштии ҷудо дар вазни то 73 кг барандаи медали биринҷӣ шуда буд. Дар ин олимпиада намояндаи дигари Тоҷикистон Юсуф Абдусаломов дар куштии озод дар вазни то 84 кг медали нукра гирифта буд. Мавзуна Чориева дар бокс дар вазни то 60 кг соли 2012 дар Лондон бо медали биринҷӣ сарфароз шудааст. Соли 2016 гурзандози тоҷик Дилшод Назаров дар Бозиҳои тобистонаи олимпӣ дар шаҳри Рио-де Жанейрои Бразилия медали тило ба даст овард.

ФУТБОЛ



## ПИРӮЗӢ ВА МУСОВИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР CAFA-U-20

**Дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон (U-20) дар Чемпионати Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ (CAFA) дар як гурӯҳ бо дастаҳои мунтахаби ҷавонони Афғонистон ва Қирғизистон неру санҷид.**

Дар даври дуюм ҷавонони Тоҷикистон тими ҷавонони Афғонистонро мағлуб карданд. Ин бозӣ 7-уми июл дар варзишгоҳи «Қурмонбек»-и Ҷалолобод баргузор шуда, бо ҳисоби 1:0 ба фоидаи дастаи Тоҷикистон анҷом ёфт. Аз ҳайати дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон Азизбек Далиев гол зад.

Дар даври баъдӣ рӯзи 9-уми июл дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон бо ҳамсолони худ аз Қирғизистон бозӣ кард. Ин бозӣ бо натиҷаи 0:0 ба охир расид, ки бар суди қирғизҳо шуд. Акнун ҷавонони Қирғизистон бо ҷавонони Эрон дар финали ин мусобиқа бозӣ мекунанд. Дастаи ҷавонони Тоҷикистон рӯзи 12-уми июл дар бозӣ барои ҷойи сеюми чемпионати CAFA-2024 бо тими Ӯзбекистон рақобат мекунанд.

ҶУДО

## ДУ МЕДАЛИ ТИЛО ВА ЯК БИРИНҶИИ ПАҲЛАВОНОНИ ҶАВОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ҶОМИ ОСИЁ

**Дар Алмаато Ҷоми ҷудои Осиё миёни ҷавонон, ки ба хотираи Бекет Махмутов бахшида шуда буд, ба анҷом расид. Дар ин мусобиқа беш аз 700 варзишгар аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Эрон, Муғулистон, Шри-Ланка, Олмон, Молдова ва ИМА ширкат доштанд.**

Мусобиқаи Ҷоми Осиё дар маҷмааи варзишии Балуан Шолак чаҳор рӯз идома кард. Мусобиқа ба ҷудокорони ҷавон имкон дод, ки на танҳо маҳорати худро нишон диҳанд, балки инчунин ба даст овардани холҳои муҳими рейтингӣ, ки дар фаъолияти ояндаи варзишии онҳо нақши ҳалкунанда мебозанд, имкон дод.

Ҷудокори тоҷик Лоиқ Кутбиддинов дар вазни то 60 кг миёни кадетҳо медали тило гирифт. Дар мусобиқа байни кадетҳо 298 варзишгар аз 10 кишвар ширкат доштанд. Кутбиддинов медали тило гирифт ва Абубакр Абдуҷалилзода дар вазни 73 кг барандаи медали биринҷӣ шуд. Дар мусобиқаи наврасон Муҳиддин Асадуллоев низ дар вазни 73 кг медали тилло ба даст овард. Дар маҷмӯъ Тоҷикистонро ҳудуди 50 ҷудокори ҷавони умедбахш намояндагӣ карданд.



РЕЗААХБОР

Дар равзанаи тобистонаи гузариш «Истиқлол»-и Душанбе бо дарвозабон Никола Стошич, ки дар солҳои 2013-2020 дар ҳайати «Истиқлол» бозӣ кардааст, ба муҳлати ду сол шартнома баст. Стошич дар рӯзи аввали ҷамъомади таълимӣ дар Минск ба «Истиқлол» ҳамроҳ шуд ва дар аввалин тамрини даста иштирок кард. Стошич ҷойгузини Рустам Ятимов шуд, ки чанде пеш аз "Истиқлол" ба "Ростов"-и Русия гузашт.

***

Кумитаи байналмилалии олимпӣ аз Кумитаи миллии олимпии Афғонистон даъват кардааст, ки шаш варзишгар - се мард ва се занро ба Бозиҳои олимпии соли 2024 дар Париж сафарбар кунад. Аз ин миён танҳо як варзишгари ҷудокор дар Афғонистон зиндагӣ ва тамрин мекунад. Атал Машванӣ, сухангӯи ҳукумати Толибон, ки масъули умури варзиш аст, гуфт, танҳо се варзишгари мард ҳақ доранд, ки Афғонистонро намояндагӣ кунанд, зеро варзиши занон дар ин кишвар мамнуъ аст.

***

Дар вилояти Свердловски Федератсияи Русия «Ҷоми ИННОПРОМ-2024» байни дастаҳои футболи касбии кишварҳои иштирокчии «Намоишгоҳи саноатии байналмилалӣ «ИННОПРОМ-2024» идома дорад. Дар он дастаи «Равшан» аз Кӯлоб Тоҷикистонро намояндагӣ мекунад. Ин даста дар бозии аввали худ аз дастаи «Урал» (Русия) бо ҳисоби 0:5 шикаст хӯрд. Дар мусобиқа дастаҳои «Қизилқум» аз Ӯзбекистон ва «ИМТ-Белград» аз Сербистон ҳам ҳастанд.

***

Муҳлати шартномаи ҳамкорӣ миёни клуби футболи «Истиқлол» ва муҳофизатгари сербистонӣ Славко Лукич ба поён расид. Футболбоз дар аввали мавсими ҷорӣ шомили даста гардида буд, ки то анҷоми марҳилаи аввали чемпионат бозӣ кард.

***

Муҳофизатгари дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон Ваҳдат Ҳанонов, ки дар ин тобистон ҳайати дастаи «Персеполи»-и Эронро тарк кард, аз дастаи «Истиқлол»-и Душанбе даъват гирифтааст. Ҳамчунин, клуби «Гулгуҳар Сирҷон» аз Эрон бо ин бозигар вориди гуфтушунид шудааст. Ба бозии Ҳанонов дастаи «Сипоҳон» (Эрон) ва «Пҳохан Стилерс» (Курияи Ҷанубӣ) низ марок зоҳир кардаанд.



### Биҳишт

Зан аз шавҳараш пурсид:
- Ман барои шумо кистам?
Шавҳар:
- Ту биҳишти ман ҳастӣ.
Зан:
- Пас, чаро модаратон маро зери по карда, таҳқир намоянд ҳам, хомӯш меистед.
Шавҳар:
- Ту биҳиштам ҳастӣ. Биҳишт бошад, дар зери пойи модарон аст...

### Таърих

- Вақте ки ман дар мактаб мехондам,- гуфт марде ба писараш,- аз фанни таърих доим баҳои “5” мегирифтам, аммо ту бошӣ, фақат баҳои “3” мегирӣ.
Писар дар ҷавоб:
- Падарҷон, вақте ки шумо дар мактаб мехондед, таърих хеле кӯтоҳ буд.

### Мор

Муаллим:
- Толиб, мори айнакдор ба кадом гурӯҳи ҳайвонҳо дохил мешавад?
Талаба:
- Ба гурӯҳи ҳайвонҳое, ки масофаи дурро дида наметавонанд.

### Ширин

Марде зариф зани зебоеро дида, гуфт:
- Чӣ шавад, эй бону, агар рухсат фармоӣ, ки туро бичашам ва бубинам, ки ту ширинтарӣ ё зани ман?
Зан гуфт:
- Бирав, аз шавҳарам бипурс, ки ҳардуро чашидааст, то ӯ хотирнишони ту кунад.

### Се сабаб

Аз муаллим пурсиданд:
- Се сабаби асосие, ки шумо касбатонро дӯст медоред?
Муаллим мегӯяд:
- Июн, июл, август!
Мард
Марде ки бо ду борхалтаи пур аз бозор меомад, шиносашро ширакайф дида, гуфт:
- Номард, боз аз майхона меоӣ?
Гуфт:
- Мард аз майхона меояд, номард аз бозор.

### Аблаҳ

Ҳангоми имтиҳон профессор аз донишҷӯи бесавод мепурсад:
- Шумо медонед, ки имтиҳон чист?
- Имтиҳон суҳбати ду нафари ботафаккур аст, -мегӯяд донишҷӯ.
- Агар яке аз онҳо аблаҳ бошад чӣ?, – мепурсад боз профессор.
Донишҷӯ оромона мегӯяд:
- Он гоҳ нафари дигар стипендия намегирад.

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

## ЛАТИФАҲО

### «Дар» ё «дор»?

Дар бемористон ҳангоми муоинаи чашм бо нафаре шинос шудам, ки солҳои зиёд дар мақомоти судӣ кор кардааст. Алъон давлати пирӣ меронаду ӯ низ барои муоина ва табобати чашм ба ин макон омадааст. Духтур матнеро ба ӯ барои хондан доду ӯ ба ҷойи «дар» «дор» хонд. Бо шӯхӣ гуфтам:
- Рӯзи маҳкумшавандаро сиёҳ кардед, раис. Акнун меовезандаш.
- Чӣ хел?,- бо тааҷҷуб пурсид.
Гуфтам:
- Вой бар ҳоли маҳкумшавандае, ки судя дар эълони ҳукми ӯ ба ҷойи «дар» «дор» хонад.

### Каромот

Субҳ мӯйсафеди нуроние вориди автобус шуд ва ба назди мо омада, рост истод. Ман ҷавонеро, ки дар паҳлуи мо гӯё хоб буд, бедор карда, гуфтам:
- Айба намедонӣ, ба мӯйсафед ҷой намедиҳӣ? Зуд бихез, мӯйсафед шинанд.
Ҷавон бархосту мӯйсафед ба ҷойи ӯ нишаст. Ба ҷавон миннатдорӣ карда, ба ман гуфт:
- Ҷавон айбе надорад. Ин манам, ки каромоти аҷибе дорам.
- Чӣ каромоте?,- бо тааҷҷуб пурсидам.
Гуфт:
- Каромоти ман ҳамин ки ҳар вақте вориди автобус мешавам, хоби ҷавонҳо мебарад. Вақте аз автобус берун меоям, онҳо аз хоб бедор мешаванд.

### Самбӯсаи варақӣ

Дар назди тарабхонае дӯстамро дидам, ки бо писарчаи хурдсолаш сайругашт дошт. Баъди саломи алейк аз писарчааш пурсидам:
- Ту бачаи доноӣ? Хондаро ёд гирифтӣ ё ҳанӯз не?
- Ман доно,- гуфт бо як ҳозирҷавобӣ.- Хондан метавонам.
Эълони назди самбӯсафурӯшро нишон дода, гуфтам:
- Канӣ хон!
- Самбӯсаи говӣ.
- Самбӯсаи говӣ чӣ маъно дорад?,- боз суол кардам.
Гуфт:
- Аз гӯшти гов амак.
- Самбӯсаи гӯсфандӣ чӣ?
- Аз гӯшти гӯсфанд.
- Кани сеюмашро хон,- гуфта, навъи сеюми самбӯсаро нишон додам.
Бо овози баланд хонд:
- Самбӯсаи варақӣ.
- Самбӯсаи варақӣ чӣ хел самбӯса аст?,- пурсидам аз ӯ.
Ба ҷойи ҷавоб аз ман пурсид:
- Дарунаш варақ дорад?



**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**

## Сканворд

